Замимаи 1
ба қарори ҳайати мушовараи
Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «**25**» **сентябри** с. 2014
№ **81**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ
## оид ба омода ва амалӣ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(тавсиявӣ)

**Душанбе-2014**

## Мундарича

1. Муқаррароти умумӣ ....3
2. Ташаббуси (пешниҳоди) лоиҳаи ШДБХ....6
3. Омода намудани лоиҳаи ШДБХ ....11
4. Расмиёти тендерӣ барои интихоби шарики хусусӣ....16
5. Тартиби интишори маълумот дар бораи гузаронидан ва натиҷаҳои тендер ....20
6. Тартиби супоридан ва қабули дархост барои иштирок дар тендер ....21
7. Тартиби гузаронидани интихоби пешакии иштирокчиёни тендер....23
8. Тартиби арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ ....26
9. Созишнома оид ба ШДБХ....30
10. Имзои созишнома ва қувваи эътибор пайдо намудани он....32
11. Сохтмони (таҷдиди) объекти ШДБХ ....32
12. Ба истифода додани объекти ШДБХ ....33
13. Бааньҷомрасии лоиҳаи ШДБХ....33
14. Мониторинги иҷрои уҳдадориҳо тибқи лоиҳаҳои ШДБХ ....34
15. Хусусиятҳои хоси амалисозии намудҳои алоҳидаи лоиҳаҳои ШДБХ....35
Замимаи 1....37
Замимаи 2....42

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастури методии мазкур оид ба омода ва амалӣ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] (минбаъд - Дастур) бо мақсади таъмини механизми амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (минбаъд – Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ») таҳия шудааст. Дастур ҷиҳати расонидани кӯмаки техникӣ – методологӣ ба мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ (ташкилотҳои фармоишгар), бахши хусусӣ, дигар иштирокчиёни раванди интихоб, ташаббус, омода, амалӣ ва ҳамроҳӣ намудани лоиҳаҳо тибқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

2. Дар Дастури мазкур мафҳумҳо ва ихтисораҳои зерини асосӣ истифода шудаанд:

1) шарикии давлат ва бахши хусусӣ (минбаъд ШДБХ) – ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи созишномаи ШДБХ;

2) шарики давлатӣ – мақомоти иҷроияи марказӣ ё маҳалии ҳокимияти давлатӣ;

3) бахши хусусӣ – соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқие, ки муассиси он шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқии ғайридавлатӣ мебошад;

4) шарики хусусӣ – соҳибкори инфиродӣ ва ё шахси ҳуқуқии бахши хусусӣ, ки лоиҳаи инфрасохтор ё лоиҳаи хизматрасониро дар соҳаи иҷтимоӣ мутобиқи созишномаи ШДБХ амалӣ менамояд;

5) инфрасохтор – маҷмӯи иншооту биноҳо, системаҳо ва сохторе, ки барои фаъолияти соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, муҳайё кардан ва беҳтар сохтани шароити зисти ҷамъият зарур мебошанд, аз ҷумла низоми нақлиёт, таъминоти об ва барқ, роҳҳо, пулҳо ва системаи коммуникатсионӣ;

6) лоиҳаи инфрасохтор – лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии объекти нави инфрасохтор ва ё таҷдид, навсозӣ, васеъкунӣ ва истифодаи ҳар як объекти инфрасохтор;

7) лоиҳаи хизматрасонӣ – дар соҳаи иҷтимоӣ лоиҳакашӣ, таҳия ва фаъолияти сохторҳое, ки бевосита ё бавосита ба ҷамъият дар тӯли на камтар аз се сол хизмати иҷтимоӣ (маишӣ, тиббӣ, равонию педагогӣ ва ғайра) мерасонанд, ки онҳо то оғози лоиҳа тобеи ташкилоти фармоишгар буданд;

8) лоиҳаи шарикӣ – лоиҳаи инфрасохтор ё лоиҳаи хизматрасонӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, ки байни ташкилоти фармоишгар ва бахши хусусӣ мутобиқи Қонун «Дар бораи ШДБХ» анҷом дода мешавад;

[1] Дастури мазкур хусусияти тавсиявӣ дорад.

9) ташкилоти фармоишгар (минбаъд – ТФ) – мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ, ки барои бастани созишнома бо шарики хусусӣ дар доираи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» ваколат доранд;

10) созишномаи ШДБХ – (минбаъд – Созишнома) – санади ҳуқуқие, ки уҳдадории байни ТФ ва шарики хусусӣ ва шартҳои татбиқи лоиҳаро мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» муқаррар менамояд;

11) пардохти ҳаққи хизматрасонӣ – ҳуқуқ ё ваколате, ки ба шарики хусусӣ аз ҷониби ТФ барои пӯшонидани хароҷоти сармоягузорӣ ва гирифтани фоида бо роҳи ситонидани хироҷ аз истифодабарандагони лоиҳаи шарикӣ дода шуда, хироҷ, тариф ва дигар пардохтҳоро дар бар мегирад;

12) механизми оқилона – механизмест, ки дар доираи он ТФ метавонад ҳамаи уҳдадориҳои молиявиеро, ки эҳтимол дорад иҷро кунад дар доираи Созишнома аз ҳисоби маблағи мавҷуда ё ояндаи буҷетии худ иҷро намояд;

13) доороиҳо (активҳо) – захираҳое, ки дар натиҷаи амалиёти қаблӣ ба даст овардашуда, ба ТФ тааллуқ доранд ё захираҳои наве, ки бо мақсади ҳамроҳ шудан ба Созишнома ва гирифтани фоидаи иқтисодӣ ба даст оварда мешаванд;

14) иштироки консорсиум – пешниҳоди лоиҳавӣ аз ҷониби ду ва зиёда шахсон, ки барои иштирок дар лоиҳаи шарикӣ пешниҳод шудааст;

15) пешниҳоди дархостнашаванда – ҳар гуна пешниҳоде, ки на ҳамчун ҷавоб ба дархости ТФ берун аз расмиёти интихоб тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» манзур карда мешавад;

16) иҷро накардани уҳдадориҳои моддӣ – ҳама гуна ҳолати қодир набудани шарики хусусӣ барои иҷро кардани ягон уҳдадорӣ дар доираи Созишнома, ки ба хизматрасонӣ ба ҷамъият таъсир мерасонад ё таъсир хоҳад расонд ва баъди давраи тӯлонӣ ва баъди он ки шарики хусусӣ дар бораи иҷро нашудани уҳдадориҳо аз ТФ огоҳинома гирифтааст, иҷро нашуда боқӣ мемонад;

17) довталаби афзалиятдошта – иштирокчии тендер, аз ҷумла консорсиум, ки ҳамчун иштирокчии муваффақи тендер интихоб гардидааст;

18) мақоми танзимкунанда (минбаъд – МТ) – мақоми ваколатдори давлатие, ки ба он ваколати пешбурди сиёсати давлатӣ ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи рушди инфрасохтор ва пешниҳод намудани хизматрасонӣ дар бахши иҷтимоӣ дода шудааст;

19) мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ШДБХ – (минбаъд – МВД) – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муайян карда мешавад ва ба он ваколати пешбурди сиёсати давлатӣ ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ШДБХ

дода шудааст;

20) Шӯро оид ба ШДБХ – мақоми мушовара, ки аз ҷумлаи роҳбарони аввали вазорату идораҳо аз ҷониби Ҳукумати ҶТ таъсис дода мешавад;

21) таносуби нарх ва сифат – иҷрои вазифаҳои давлатӣ аз ҷониби ТФ ё истифодаи моликияти давлатӣ аз ҷониби шарики хусусӣ мувофиқи Созишномае, ки барои ТФ ё истеъмолкунанда фоидаи холис медиҳад ва он аз нигоҳи хароҷот, нарх, сифат, микдор, таҳвили хавф ё маҷмӯи онҳо муайян карда мешавад;

22) марҳилаи татбиқ – марҳилаи лоиҳаи шарикӣ, ки баъд аз расидан ба марҳилаи бaанҷомрасии маблағгузории лоиҳаи шарикӣ фаро мерасад;

23) тендер (озмун) – чорабиние, ки тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» бо мақсади интихоби одилонаи шарики хусусӣ (консорсиум) аз байни довталабон барои иҷрои самараноки лоиҳаи шарикӣ гузаронида мешавад;

24) ҳуҷҷатҳои тендерӣ – маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер, ки аз ҷониби ТФ ба шарики хусусӣ барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад;

25) асосноккунии техникию иқтисодӣ (минбаъд – АТИ) – арзёбии техникӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва экологӣ, инчунин арзёбии хавфҳои асосӣ ва самаранокии лоиҳа;

26) иштирокчии тендер – шарики хусусие, ки дар ҷараёни интихобкунӣ оид ба иҷрои самараноки лоиҳаи шарикӣ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» иштирок мекунад;

27) марҳилаи тендер – марҳилаи лоиҳаи шарикӣ, ки аз лаҳзаи ба гузаронидани тендер розигӣ додани Шӯро оид ба ШДБХ оғоз гардида, баъд аз маъқул донистани лоиҳаи Созишнома аз ҷониби ҳамин Шӯро ба анҷом мерасад;

28) марҳилаи баанҷомрасии Созишнома – марҳилаи лоиҳаи шарикӣ, ки баъди аз ҷониби Шӯро оид ба ШДБХ самаранок эътироф гардидани лоиҳаи Созишнома оғоз гардида, пеш аз марҳилаи татбиқ ва ё баанҷомрасии тиҷоратӣ ба охир мерасад (агар баанҷомрасии молиявии Созишнома зарур бошад);

29) пешниҳоди пешакии лоиҳавӣ (минбаъд – ППЛ) – ҳуҷҷате, ки аз ҷониби ташаббускори лоиҳа таҳия мешавад ва тавсифи мухтасар, асоснокии ташаббус, тавсифи асосӣ ва хусусиятҳои амалинамоии лоиҳаро дар бар мегирад, инчунин хусусияти самарабахши молиявӣ ва иҷтимоии чашмдоштро аз амалӣ намудани лоиҳа, механизмҳои эҳтимолии таъмини бозпас гардонидани маблағҳои ғайрибуҷетии ҷалбшударо муайян менамояд;

30) ташаббускори лоиҳаи ШДБХ (минбаъд – ташаббускори лоиҳа) – ТФ, ки бо ташаббуси худ, Ҳукумати ҶТ ва ё бахши хусусӣ оид ба таҳияи лоиҳаи ШДБХ қарор қабул кардааст ва ҳуҷҷатҳои заруриро барои

интихоб, омода ва амалӣ намудани лоиҳаҳои ШДБХ таҳия менамояд;

31) мушовирони лоиҳаи ШДБХ (минбаъд – мушовирон) – шахсони воқеию ҳуқуқие, ки оид ба масъалаҳои молиявӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғайра вобаста ба интихоб ва омода намудани лоиҳаҳо ҷиҳати амалӣ намудани онҳо тибқи механизми ШДБХ расонидани хизматҳои машваратиро амалӣ менамоянд;

32) Маркази ШДБХ – Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ» –и Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ таъсис дода шудааст ва оид ба масъалаҳои ШДБХ ваколатдор гардидааст. Маркази ШДБХ фаъолиятро ба сифати котиботи Шӯро, пешбурди коргузорӣ ва таъминоти моддию техникии ҷаласаҳои Шӯро анҷом медиҳад. Роҳбари Марказ аз рӯи вазифа Котиби Шӯро мебошад;

33) Мониторинги иҷрои ухдадориҳо оид ба лоиҳаҳои ШДБХ – аз ҷониби МВД ба воситаи Маркази ШДБХ назорат намудан аз болои иҷрои ухдадориҳои тарафҳои Созишнома, аз он ҷумла ухдадориҳои иштирокчии дахлдори Созишнома (оид ба ҷудо намудани маблағ аз буҷет, танзим ва пешниҳоди қитъаи замин, иҷозатҳо, мувофиқаҳо ва ғайра). Мониторинг аз лаҳзаи бо шарики хусусӣ бастани Созишномаи дахлдор то лаҳзаи имзои санад дар бораи амалӣ гардидани лоиҳаи ШДБХ (иҷро гардидани Созишномаи баимзорасида) гузаронида мешавад;

34) Ташкили лоиҳаи ШДБХ – ин ҷараёнест қабул ва иҷрои қарорро аз ҷониби ташаббускори лоиҳа оид ба омода ва амалӣ намудани лоиҳа таъмин менамояд;

35) Омода намудани лоиҳаи ШДБХ – фаъолияти ташаббускори лоиҳа, ки таҳияи ППЛ, ҳуҷҷатҳои тендерӣ, иҷозатдиҳанда, қарордод ва ғайра, гузаронидани расмиёти зарурӣ, аз он ҷумла, оид ба интихоби мушовирон ва дигар ташкилотҳои пудратӣ, инчунин дар доираи салоҳияти хеш ҳал намудани дигар масъалаҳоро ҷиҳати амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ дар бар мегирад;

36) Иштирокчиёни лоиҳа – ташаббускори лоиҳа, ташкилотчии лоиҳа, ТФ, МТ, шарики хусусӣ, мушовирон ва дигар шахсони мафиатдор ва ба ҷараёни ташкили лоиҳа ҷалбшуда.

## 2. Ташаббуси (пешниҳоди) лоиҳаи ШДБХ

3. Лоиҳаи ШДБХ пешниҳод шуда метавонад аз ҷониби:

1) мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ:
   - а) Ҳукумати ҶТ оид ба объектҳои инфрасохтор ва хизматрасониҳои иҷтимоии стратегӣ;
   - б) ТФ (вазоратҳо, идораҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ);
2) шарики хусусӣ тибқи тартиби ташаббуси шахсӣ.

4. Лоиҳаҳое, ки Ҳукумати ҶТ пешниҳод намудааст, ҷиҳати анҷом додани расмиёти пешбининамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ», ҳамин Дастур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ба ТФ дахлдор (шарики давлатӣ) фиристода мешаванд.

5. Пешниҳоди лоиҳаи ШДБХ аз ҷониби ТФ инҳоро дар бар мегирад:

1) қабули қарор оид ба омода намудани лоиҳаи ШДБХ;

2) таҳияи ППЛ;

3) таҳияи АТИ пешакӣ;

4) ташхиси ППЛ ва АТИ ҷиҳати муайян намудани мавҷудияти асос барои амалинамоии лоиҳаи ШДБХ;

5) омода намудани бастаи ҳуҷҷатҳо барои пешниҳод ба баррасии МВД ва Шӯро.

6. Лоиҳаи ШДБХ аз ҷониби шарики хусусӣ бо роҳи муроҷиат намудан ба Ҳукумати ҶТ ва ё ТФ дахлдор (шарики давлатӣ) пешниҳод карда мешавад, агар ин пешниҳод:
1) бевосита аз ҷониби тарафи манфиатдор барои иштирок дар лоиҳаи шарикӣ таҳия ва пешниҳод гардида бошад;
2) барои аҳли ҷомеа манфиатнок бошад;
3) бидуни иштироки МВД ё ТФ таҳия гардида бошад;
4) барои ТФ ҷиҳати аз ҷониби ТФ таҳия гардидани ҳуҷҷати асосноккунии техникию иқтисодӣ ба қадри кофӣ тафсилот ва иттилоот дошта бошад.

7. Ҳангоми амалӣ намудани лоиҳаҳои ШДБХ, ба лоиҳае, ки ҳадди ақал дар яке аз ҳуҷҷатҳои зерин пешбинӣ шудааст, бартарӣ дода мешавад:
1) Стратегияи миллии рушд;
2) барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ;
3) барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва/ё маҳаллии рушди ШДБХ;
4) барномахои рушди соҳаи дахлдор;
5) барномаҳо ва/ё нақшаҳои рушди маҳалли дахлдор (вилоят, шаҳр, ноҳия, минтақаи озоди иқтисодӣ).

8. АТИ лоиҳаи шарикиро ТФ анҷом ва ё фармоиш медиҳад. Пас аз таҳия намудани АТИ пешакӣ тибқи пешниҳоди шарики хусусӣ ва гирифтани тавсияҳои МВД, ТФ пешниҳоди шарики хусусӣ ва АТИ-ро бо тавсияи он ки пешниҳод ба моддаҳои 9-21 ё моддаҳои 22 ва 23 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» ҷавобгӯ мебошад, ба Шӯро пешниҳод менамояд.

9. Ба пешниҳод инчунин бояд ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хароҷоти шарики хусусӣ барои таҳияи АТИ-и пешакӣ низ замима карда шавад, агар хароҷоти таҳияи АТИ-и пешакӣ аз ҷониби шарики хусусӣ пардохт шуда бошад. Шарики хусусӣ метавонад илова ба ҳуҷҷатҳои зикршуда дигар ҳуҷҷатҳоеро низ пешниҳод намояд, ки ба лоиҳаи пешниҳодшудаи ШДБХ алоқамандӣ доранд.

10. Шарики давлатӣ (ТФ) дар давоми 10 рӯзи корӣ пешниҳоди шарики хусусиро оид ба амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ қабул ва ё рад менамояд. Дар ҳолати рад намудани пешниҳод, шарики давлатӣ шарики хусусиро дар ин хусус бо асоснок намудани сабабҳои раднамоӣ огоҳ менамояд, инчунин дар баробари ин ҳамаи нусхаҳои асл ва нусхаҳои дуюми ҳуҷҷатҳоеро, ки қаблан аз ҷониби шарики хусусӣ пешниҳод шуда буданд, ба вай бармегардонад.

11. Шарики давлатӣ (ТФ) метавонад дар ҳолатҳои зарурӣ аз шарики хусусӣ иттилооти иловагиро дархост намояд. Дархости иттилооти иловагӣ бояд як маротиба бошад ва бояд шарҳи сабаби (асоснокии) чунин дархостро низ дар бар гирад.

12. Шарики хусусӣ иттилооти дархостшавандаро дар давоми 10 рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани дархост пешниҳод менамояд. Дар ҳолати аз ҷониби шарики давлатӣ дархост гардидани иттилооти иловагӣ, мӯҳлати қабули қарор оид ба қабул ва ё рад намудани пешниҳод пас аз гирифтани иттилооти иловагӣ аз шарики хусусӣ 10 рӯзи корӣ мебошад.

13. Дар ҳолати нагирифтани иттилооти иловагӣ аз шарики хусусӣ дар давоми мӯҳлати дар боло зикршуда, қарор оид ба қабул ва ё рад намудани пешниҳод дар давоми 5 рӯзи корӣ, ки баъди ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди иттилооти иловагӣ меояд, қабул карда мешавад.

14. Дар ҳолате, ки шарики давлатӣ бо пешниҳоди шарики хусусӣ оид ба ташаббуси лоиҳаи ШДБХ розӣ мешавад, шарики давлатӣ оид ба ташаббуси лоиҳаи ШДБХ қарор қабул намуда, шарики хусусӣ ва МВД-ро оид ба он огоҳ менамояд.

15. Интихоби шарики хусусӣ оид ба лоиҳаҳои ШДБХ, ки бо ташаббуси шарики хусусӣ пешниҳод шудаанд, дар асоси тендер тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва Дастури мазкур амалӣ карда мешавад.

16. Агар шарики хусусӣ, ки лоиҳаи ШДБХ-ро пешниҳод намудааст, ғолиби тендер нашавад, пас ғолиби тендер хароҷоти вобаста ба таҳияи АТИ-и пешакӣ намудаи шарики хусусӣ - ташаббускори лоиҳаи ШДБХ-ро тибқи ҳуҷҷати пешниҳодшуда, ки дар банди 9 Дастури мазкур пешбинӣ шудааст, пардохт менамояд.

17. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва иттилооте, ки шарики хусусӣ – ташаббускори лоиҳаи ШДБХ ба шарики давлатӣ пешниҳод намудааст, махфӣ мебошанд ва бояд танҳо бо мақсади баҳо додани пешниҳоди шарики хусусӣ оид ба ташаббуси лоиҳаи ШДБХ истифода бурда шаванд, ба шарте, ки шарикони давлатӣ ва хусусӣ ба таври хаттӣ маслиҳати дигаре накарда бошанд.

18. Бо мақсади омода ва амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ бо пешниҳоди Ҳукумати ҶТ, бо пешниҳоди шарики хусусӣ ва ё бо ташаббуси худаш, шарики давлатӣ (ТФ) оид ба ташаббуси лоиҳаи ШДБХ қарор қабул менамояд.

19. Дар асоси қарори қабулгардида оид ба омода намудани (ташаббуси) лоиҳаи ШДБХ, ТФ бастаи ҳуҷҷатҳоеро, ки барои интихоби лоиҳаҳо бо мақсади амалӣ намудани онҳо заруранд (ППЛ, АТИ, ҲТ, дигар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва ҳамин Дастур), таҳия менамояд.

20. Таҳияи ҳуҷҷатҳои дар банди 19 Дастури мазкур зикршуда, аз ҷониби ТФ мустақилона ва ё бо ҷалби мутахассисон дар доираи маблағҳои худӣ ва/ё дигар сарчашмаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ манъ накардаанд, амалӣ карда мешавад.

21. ТФ ППЛ ва АТИ-ро таҳия намуда, барои баррасӣ ва гузаронидани расмиёти арзёбӣ оид ба муқаррар намудани мавҷудияти асос барои амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ ба МВД пешниҳод менамояд. ТФ инчунин нусхаи қарор дар бораи таҳия намудани (ташаббуси) лоиҳаи ШДБХ-ро низ пешниҳод менамояд.

22. Сохтори ППЛ бояд ба шакле, ки дар замимаи 1 ба Дастури мазкур оварда шудааст, мутобиқат намояд.

23. АТИ бо назардошти талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» ва тибқи Дастур оид ба таҳия намудани АТИ лоиҳаҳои ШДБХ дар ҶТ таҳия карда мешавад. Дастур оид ба таҳия намудани АТИ лоиҳаҳои ШДБХ дар ҶТ аз ҷониби Маркази ШДБХ таҳия карда мешавад.

24. ППЛ, АТИ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо дар шакли чопӣ ва намуди электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

25. Дар ҳолатҳои зарурӣ, МВД (Маркази ШДБХ) метавонад на дертар аз 5 рӯзи корӣ пас аз гирифтани ҳуҷҷатҳо, барои пешниҳоди иттилооти иловагӣ ба институтҳои рушд, мушовирон ва дигар сохторҳои давлатӣ ва/ё ғайридавлатӣ, аз он ҷумла, ба ТФ ва МТ дархост ирсол намояд.

26. Сохторҳои зикршуда на дертар аз 10 рӯзи корӣ пас аз гирифтани дархост оид ба пешниҳоди иттилоот, ҷавобро оид ба масъалаҳои ба салоҳияташон тааллуқдошта, таҳия ва ба МВД/Маркази ШДБХ ирсол менамоянд.

27. Пас аз гирифтани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурии дар боло зикршуда, Маркази ШДБХ ташхиси (арзёбии) ППЛ ва АТИ-и пешакиро мегузаронад.

28. Ташхис (арзёбӣ) ба мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

1) истиснои имконияти амалисозии лоиҳаҳое, ки самаранок истифода бурдани амволи давлатӣ, моликияти коммуналӣ ва/ё маблағҳои буҷетиро таъмин наменамоянд;

2) муайян намудани мутобиқати ППЛ ва АТИ ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Методикаи муайян ва дараҷабандӣ кардани лоиҳаҳои ШДБХ;

3) муайян намудани мавҷудияти асос барои қабули қарор дар бораи амалӣ намудани лоиҳа тибқи механизми ШДБХ.

29. Ташхис мутобиқи Методикаи муайян ва дараҷабандӣ кардани лоиҳаҳои ШДБХ (минбаъд – Методика), ки ҳамчун замимаи 2 ба Дастури мазкур оварда шудааст, амалӣ карда мешавад.

30. Ташхис дар асоси мактуб – муроҷиати ТФ, лоиҳаҳои ППЛ, АТИ-и пешакӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, инчунин (дар ҳолати зарурӣ) иттилооти аз ҷониби сохторҳои дар банди 25 ҳамин Дастур зикршуда пешниҳодшуда, гузаронида мешавад.

31. Ташхис на дертар аз 15 рӯзи корӣ пас аз ворид шудани муроҷиат, ППЛ, АТИ ва дигар иттилооти зарурии зикршуда ба Маркази ШДБХ, амалӣ карда мешавад.

32. Дар ҳолати зарурӣ Маркази ШДБХ метавонад аз ташаббускори лоиҳа ҳуҷҷатҳо, маводҳо ва шарҳи иловагии барои амалӣ намудани арзёбӣ зарурро дархост намояд.

33. Тибқи натиҷаҳои ташхиси гузаронидашуда, Маркази ШДБХ лоиҳаи тавсияҳоро таҳия менамояд, ки бояд иттилоотро дар мавриди он, ки лоиҳаи пешниҳодшуда барои ТФ тибқи механизми оқилона мебошад ва ба талаботи зерин ҷавобгӯ аст, пешбинӣ намояд:

1) оё таносуби нарх ва сифат риоя шудааст;

2) оё татбиқи он имконпазир аст.

34. Маркази ШДБХ дар муҳлати 3 рӯзи корӣ пас аз рӯзи таҳияи хулоса, онро ба МВД мефиристонад.

35. МВД дар муҳлати 3 рӯзи корӣ пас аз рӯзи аз Маркази ШДБХ ворид шудани лоиҳаи хулоса, онро имзо менамояд ва ба ташаббускори лоиҳа мефиристонад.

36. Ташаббускори лоиҳа (ТФ) дар муҳлати 10 рӯзи корӣ пас аз рӯзи гирифтани хулосаи МВД тарҳи ниҳоии АТИ-ро таҳия намуда, якҷоя бо ППЛ ба Котиботи Шӯро – Маркази ШДБХ пешниҳод менамояд.

37. Маркази ШДБХ пас аз гирифтани ППЛ ва АТИ аз ташаббускори лоиҳа, маводҳо ва лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи навбатии (ғайринавбатии) Шӯроро омода ва барои пешниҳод ба Раиси Шӯро ҷиҳати маъқул донистан ва муайян намудани сана ва вақти гузаронидани ҷаласаи Шӯро ба МВД пешниҳод менамояд.

38. МВД пас аз гирифтани маводҳо ва лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи Шӯро аз Маркази ШДБХ, дар давоми 5 рӯзи корӣ маводҳо, лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи Шӯро, инчунин масъалаи дар ҷаласаи Шӯро баррасӣ гардидан ва маъқул донистани пешниҳод оид ба омода ва амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ–ро ба Раиси Шӯро пешниҳод менамояд. Раиси Шӯро ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласаи Шӯроро муайян намуда, рӯзномаи ҷаласаро маъқул дониста, ба МВД хабар медиҳад.

39. Маркази ШДБХ ҷой, вақти гузаронидан ва рӯзномаи ҷаласаи Шӯрорo на дертар аз 14 рӯзи тақвимӣ, инчунин маводҳои ҷаласаи Шӯрорo на дертар аз 3 рӯзи корӣ то санаи баргузории ҷаласаи Шӯро ба аъзоёни Шӯро ва дигар иштирокчиёни ҷаласаи он мерасонад.

40. Шӯро дар ҷаласаи навбатии (ғайринавбатии) худ ППЛ ва АТИ-и пешниҳодшударо баррасӣ ва оид ба онҳо қарори дахлдор қабул менамояд.

41. Дар ҳолати аз ҷониби Шӯро маъқул донистани пешниҳоди МВД оид ба омода ва амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ–и дахлдор, Шӯро ППЛ ва тарҳи ниҳоии АТИ-и лоиҳаи ШДБХ-ро тасдиқ менамояд ва барои таҳия намудани дархост оид ба изҳори манфиатдорӣ ва ҳуҷҷатҳои тендерӣ иҷозат медиҳад.

42. Дар ҳолате, ки агар Шӯро пешниҳоди МВД-ро қабул нанамояд, Шӯро яке аз қарорҳои зеринро бо нишон додани асоси (далели) қабули чунин қарор қабул менамояд:

1) бастаи ҳуҷҷатҳо оид ба лоиҳаи ШДБХ барои такмил ва аз нав пешниҳод намудан ба баррасии Шӯро ба ташаббускори лоиҳа ирсол карда шавад;

2) пешниҳоди омода ва тибқи механизми ШДБХ амалӣ намудани лоиҳа рад карда шавад.

43. МВД дар давоми 10 рӯзи корӣ пас аз рӯзи гузаронидани ҷаласаи Шӯро, нусхаи қарори Шӯрорo (иқтибос аз протоколро) ба ташаббускори лоиҳаи ШДБХ (ТФ) медиҳад (ирсол менамояд).

44. Агар лоиҳа бо ташаббуси Ҳукумати ҶТ ва ё бахши хусусӣ пешниҳод шуда бошад, пас нусхаи қарори Шӯро (иқтибос аз протокол) дар давоми 10 рӯзи корӣ пас аз рӯзи гузаронидани ҷаласаи Шӯро ба онҳо низ пешниҳод (ирсол ) карда мешавад.

### 3. Омода намудани лоиҳаи ШДБХ

45. Ҳангоми омода намудани лоиҳа ТФ корҳои зеринро анҷом медиҳад:

1) ташкил намудан ва гузаронидани тендер барои интихоби шарики хусусӣ ҷиҳати амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ;

2) бастани Созишномае, ки шартҳои ноил шудан ба ҳадафҳои (мақсадҳои) баённамударо муайян менамояд.

46. Марҳилаҳои омода намудани лоиҳаи ШДБХ иборатанд аз:

1) тасдиқи нақша – ҷадвали чорабиниҳо оид ба омода намудани лоиҳа;

2) амалӣ намудани чорабиниҳо ва таҳияи бастаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавие, ки ҳама ва ё баъзе аз корҳои зеринро дар бар мегирад:

а) таҳияи супоришҳои техникӣ;

б) омодасозии техникии лоиҳа;

в) омодасозии ҳуқуқии лоиҳа;

г) омодасозии иқтисодии лоиҳа;

д) омодасозии умумиташкилии лоиҳа.

3) таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерӣ;

4) қабули қарор оид ба амалӣ намудани лоиҳа.

47. ТФ нақша – ҷадвали чорабиниҳоро оид ба омода намудани лоиҳаи ШДБХ тасдиқ менамояд.

48. Дар нақша – ҷадвали чорабиниҳо оид ба омода намудани лоиҳаи ШДБХ шартҳо ва мӯҳлатҳои ташхиси фосилавии лоиҳаи ШДБХ оид ба давом додан, боздоштан ва ё қатъ намудани омодасозии лоиҳаи ШДБХ муайян карда мешаванд.

49. Қарор оид ба боздоштан ва ё қатъ намудани омодасозии лоиҳаи ШДБХ аз ҷониби ТФ қабул карда мешавад.

50. ТФ номзадии роҳбари лоиҳаи ШДБХ-ро тасдиқ менамояд. Роҳбари лоиҳаи ШДБХ ҳамоҳангии ҳамкориҳои тарафҳои ба амалинамоии лоиҳаи ШДБХ манфиатдор ва иҷрои чорабиниҳои дар нақша – ҷадвали оид ба омода намудани лоиҳаи ШДБХ пешбинишударо таъмин менамояд.

51. Маркази ШДБХ дар доираи салоҳияташ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» ва Дастури мазкур дар асоси дархости дахлдор ба ТФ ёрии ташкилӣ, иттилоотӣ ва дастурӣ мерасонад. Аз ҷумла, дар ҳолати зарурат Маркази ШДБХ омӯзиш ва такмили ихтисоси мутахассисони дар омода ва амалинамоии лоиҳаи ШДБХ иштироккунандаро дар доираи семинарҳои махсусгардонидашуда ва/ё курсҳо оид ба масъалаҳои амалинамоии лоиҳаҳои ШДБХ ташкил менамояд. Омӯзиш ва такмили ихтисоси мутахассисон аз ҳисоби ташкилоти сафарбаркунанда сурат мегирад, агар бо қарор дар бораи омода намудани лоиҳа тартиби дигаре муайян нашуда бошад.

52. Амалӣ намудани чорабиниҳо ва таҳияи ҳуҷҷатҳои дар зербандҳои 2) ва 4) банди 46 Дастури мазкур зикршуда, аз ҷониби ТФ мустақилона ва ё бо ҷалби мутахассисони дахлдор анҷом дода мешавад. Чорабиниҳои зикршуда дар доираи маблағҳои худии ТФ ва/ё дигар сарчашмаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ манъ накардаанд, амалӣ карда мешаванд.

53. Бо қарор оид ба омода намудани лоиҳаи ШДБХ мумкин аст, ки иҷрокунандаи масъул оид ба амалӣ намудани чорабиниҳо ва таҳияи ҳуҷҷатҳои дар банди 52 Дастури мазкур пешбинишуда шахси дигар таъин карда шавад.

54. Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо ва таҳия намудани ҳуҷҷатҳо тибқи банди 52 Дастури мазкур ташаббускори (иҷрокунандаи масъули) лоиҳа, МВД метавонанд муассисаҳои зертобеъ, ки дар ҳудуди

вилоят (шаҳр, ноҳия) дар самти фаъолияти сармоягузорӣ хизмат мерасонанд, инчунин дигар шахсонро, аз ҷумла, онҳоеро (ширкатҳои машваратиеро), ки хизматҳои машваратии касбӣ мерасонанд, ҷалб намоянд. Ҷалби шахсони зикршуда мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ дар асоси расмиёти тендерӣ ва ё ғайритендерӣ амалӣ карда мешавад.

55. Маркази ШДБХ ва ташаббускори (иҷрокунандаи масъули) лоиҳа метавонанд ҷиҳати гирифтани тавсияҳо оид ба беҳтар намудани маводҳои омодашуда, онҳоро ба сохторҳои дахлдор, аз ҷумла, ба ташкилотҳои машваратӣ пешниҳод намоянд.

56. Омодасозии техникии лоиҳаи ШДБХ метавонад инҳоро дар бар гирад:

1) аудити техникӣ;

2) қабули қарорҳои техникӣ, тавсифи технологияҳое, ки барои амалӣ намудани лоиҳа интихоб шудаанд, инчунин андозаи истифодаи технологияҳои муосири илмӣ ва илмӣ–техникӣ, сарфакунандаи барқу захираҳо ва ғайра, арзёбии ибтидоии таъсири фаъолияти чашмдошт ба муҳити зист ;

3) таҳлили масъалаҳои омода намудани қитъаи замин (муайян намудани талабот ба қитъаи замин, озод намудан аз иморатсозӣ, кӯчонидани коммуникатсияҳо ва ғайра);

4) таҳлили масъалаҳои гирифтани иҷозатҳо ва мувофиқасозии дахлдор барои амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ;

5) арзёбии хароҷот барои омода намудани лоиҳаи ШДБХ (омода намудани қитъаи замин, лоиҳакашии сохтмон/таҷдид, мувофиқа намудан ва гирифтани иҷозатҳо);

6) таҳия намудани хулоса оид ба имкониятҳо ва шартҳои техникии амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ;

7) таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ ва ташхиси давлатии онҳо;

8) таҳияи қисмҳои ҳуҷҷатҳои тендерӣ, аз он ҷумла, тартиби арзёбии пешниҳодҳои техникӣ ва дигар қисмҳо;

9) таҳияи супориши техникӣ бо мақсади амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ.

57. Омодасозии ҳуқуқии лоиҳаи ШДБХ инҳоро дар бар гирифта метавонад:

1) таҳлили ҳуқуқ ба амвол ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи ҳуқуқ;

2) таҳлили масъалаҳои рушд ва такмили ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи ҳуқуқ;

3) таҳлили масъалаҳои омода намудани қитъаи замин (муайян

намудани мавҷудият ва ҳолати қитъаи замин барои сохтмон, дар ҳолатҳои зарурӣ гузаронидани расмиёти ҷудокунии қитъаи замин, бақайдгирии ҳуқуқҳо ба он ва ғайра);

4) муайян намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ, душвориҳо ва маҳдудиятҳо нисбати объекти ШДБХ, инчунин дигар объектҳои аз ҷиҳати ҳудудӣ ва ё технологӣ бо он алоқаманд;

5) таҳияи нақшаи ҳуқуқии муносибатҳои иштирокчиёни лоиҳаи ШДБХ;

6) тавсифи хавфҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба идоркунии онҳо;

7) таҳияи таъмини шартномавии амалинамоии лоиҳаи ШДБХ, аз он ҷумла лоиҳаи Созишнома;

8) таҳияи қисмҳои дахлдори ҳуҷҷатҳои тендерӣ, аз ҷумла, расмиёти гузаронидани тендер, лоиҳаи Созишнома, бастани Созишнома, ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи ҳуқуқ ва дигар қисмҳои он;

9) тартиби гузаронидани музокирот бо шарики эҳтимолии хусусӣ бо мақсади муҳокима намудани шартҳои Созишнома (ҳангоми бастани Созишнома бе гузаронидани тендер).

58. Омодасозии иқтисодии лоиҳаи ШДБХ инҳоро дар бар гирифта метавонад:

1) таҳлили талабот ва пешниҳодот оид ба ташкил намудани ҷараёни воридоти молиявии лоиҳа;

2) қабули қарорҳои зарурӣ оид ба тарифҳо ва дигар қарорҳо;

3) асосноккунии зарурати иштироки молиявӣ;

4) асосноккунии самаранокии буҷетии амалинамоии лоиҳаи ШДБХ;

5) таҳияи АТИ-и лоиҳаи ШДБХ-е, ки мутобиқи талаботи ташкилотҳои молиявӣ ва Дастур оид ба таҳияи АТИ лоиҳаҳои ШДБХ омода шудааст;

6) таҳияи шакли (модели) молиявӣ;

7) таҳияи нақшаи таҳлил ва тақсими хавфҳо;

8) таҳияи қисмҳои дахлдори ҳуҷҷатҳои тендерӣ (меъёрҳои арзёбии пешниҳодҳо, тартиби арзёбии пешниҳодҳои молиявӣ ва дигар қисмҳои он).

59. Омодасозии умумиташкилии лоиҳаи ШДБХ инҳоро дар бар гирифта метавонад:

1) муайян намудани нишондодҳои мақсадноки сифат ва самаранокии лоиҳа;

2) муайян намудани тартиби расидан ба самаранокии зарурии иҷтимоию иқтисодӣ ва буҷетӣ аз амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ;

3) муайян намудани таркиб ва сметаи корҳо/хизматрасониҳо оид ба омода намудани лоиҳаи ШДБХ, ҳалли масъалаи вобаста ба маблағгузории онҳо (сарчашмаҳо, ҳаҷм, ҷадвал);

4) тасдиқи нақша – ҷадвали чорабиниҳо оид ба омода намудани лоиҳаи ШДБХ бо муайян кардани шахсони мушаххаси масъул барои амалисозии чорабиниҳо ва омодасозии ҳуҷҷатҳо;

5) муайян намудани ҳаҷми (андозаи) захираҳои зарурӣ ва усулҳои таъмини ухдадориҳои ТФ нисбат ба лоиҳаи ШДБХ (танзим, таъминоти молумулкӣ ва буҷетӣ, дигар ухдадориҳо);

6) ҳангоми банақшагирии ҳиссаҷудокуниҳои буҷетии дахлдор (аз буҷети ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, аз ҳисоби фонди дахлдор, дар доираи барномаҳои мақсадноки дарозмуҳлат ва ғайра) – таҳияи ҳуҷҷати дахлдор;

7) ташаккули бастаи иттилоотӣ оид ба лоиҳаи ШДБХ (ёддошт, пешниҳод), ки ба шарики эҳтимолӣ ҳаҷми зарурии маълумотро барои қабули қарор оид ба иштирок дар лоиҳаи имконпазир дастрас менамояд;

8) дастгирии иттилоотии лоиҳа;

9) ташкили кор оид ба таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерӣ;

10) гузаронидани машваратҳо бо шарикони эҳтимолии хусусӣ, сармоягузорон, мушовирон ва дигар иштирокчиёни лоиҳа.

60. Ҳангоми дар марҳилаи таҳияи АТИ лоиҳаи ШДБХ ба даст овардани маълумоте, ки аз ғайриимкон ва ё ғайрисамаранок будани амалинамоии лоиҳаи ШДБХ гувоҳӣ медиҳад, ТФ мактуби дахлдорро таҳия намуда, бо замимаи маводҳои зарурӣ ба МВД ирсол менамояд.

61. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ бояд ба талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва Дастури мазкур мутобиқат намоянд.

62. Дар доираи амалинамоии чорабиниҳо ва таҳияи ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи зербандҳои 2) ва 4) банди 46 Дастури мазкур, Гурӯҳи корӣ дар ҷаласаи худ бастаи ҳуҷҷатҳои лоиҳаи ШДБХ-ро, ки аз ҳуҷҷатҳои тендерӣ иборат мебошад, баррасӣ ва яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

1) бастаи ҳуҷҷатҳо барои маъқул донистан аз ҷониби МВД тавсия дода ва барои баррасӣ ва тасдиқ ба Шӯро оид ба ШДБХ пешниҳод карда шавад;

2) бастаи ҳуҷҷатҳо барои такмил ба иҷрокунандагони масъули лоиҳа бо нишон додани эродҳо ва муқаррар намудани муҳлат барои такроран пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ирсол карда шавад;

3) омодасозии лоиҳаи ШДБХ боз дошта шавад;

4) омодасозии лоиҳаи ШДБХ қатъ карда шавад.

63. Дар сурати тавсияҳои Гурӯҳи корӣ дар бораи пешниҳод намудани бастаи ҳуҷҷатҳо барои маъқул донистани МВД ва тасдиқи Шӯро, ТФ бастаи ҳуҷҷатҳоро ба баррасии МВД пешниҳод менамояд. МВД бастаи ҳуҷҷатҳоро ба Маркази ШДБХ барои омода намудани тавсияҳо ва маводи ҷаласаи навбатии (ғайринавбатии) Шӯро месупорад. Маркази ШДБХ дар давоми 20 рӯзи корӣ маводҳои ҷаласаи навбатии (ғайринавбатии) Шӯро ва тавсияҳо оид ба ППЛ ва АТИ аз ҷониби ТФ пешниҳодгардидаро омода ва ба МВД пешниҳод менамояд.

64. МВД маводҳои аз ҷониби Маркази ШДБХ пешниҳодшударо баррасӣ ва ба баррасии Шӯро оид ба ШДБХ пешниҳод менамояд. Масъалаҳои вобаста ба омода намудани ҷаласаи навбатии (ғайринавбатии) Шӯро (муайян намудани сана ва вақти баргузории ҷаласаи Шӯро, маъқул дониста шудани рӯзномаи ҷаласа, огоҳ намудани аъзои Шӯро ва дигар иштирокчиёни ҷаласа ва ба онҳо дастрас намудани рӯзнома ва дигар маводҳои ҷаласа ва ғайра) тибқи тартиби муқаррарнамудаи бандҳои 38 ва 39 Дастури мазкур сурат мегиранд.

65. Шӯро бастаи ҳуҷҷатҳоро баррасӣ менамояд ва аз натиҷаи он яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

1) дар бораи амалинамоии лоиҳаи ШДБХ;

2) дар бораи такмил додани ҳуҷҷатҳои лоиҳаи ШДБХ;

3) дар бораи ғайриимкон/ғайримақсаднок будани амалисозии лоиҳаи ШДБХ бо нишон додани асоснокии қабули чунин қарор.

66. Дар ҳолати аз ҷониби Шӯро қабул гардидани қарор дар бораи такмил додани ҳуҷҷатҳои лоиҳаи ШДБХ, ТФ дар давоми 10 рӯзи корӣ бо назардошти тавсияҳои Шӯро бастаи ҳуҷҷатҳоро такмил медиҳад ва такроран (бо воситаи МВД) ба баррасии Шӯро пешниҳод менамояд.

67. Дар ҳолати аз ҷониби Шӯро қабул гардидани қарор дар бораи ғайриимкон/ғайримақсаднок будани амалисозии лоиҳаи ШДБХ, лоиҳа тибқи ШДБХ амалӣ карда намешавад.

68. Иттилоот дар бораи лоиҳаи амалишаванда дар давоми 3 рӯзи корӣ баъди қабул гардидани қарори Шӯро дар бораи амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ, аз ҷониби Маркази ШДБХ ба Феҳристи лоиҳаҳои ШДБХ ворид карда мешавад.

## 4. Расмиёти тендерӣ барои интихоби шарики хусусӣ

69. Тендер оид ба интихоби шарики хусусӣ (минбаъд - тендер) мутобиқи қарори қабулшуда дар бораи амалинамоии лоиҳаи ШДБХ ва ҳуҷҷатҳои тендерии тасдиқшуда гузаронида мешавад.

70. Амалӣ намудани расмиёти тендерӣ инҳоро пешбинӣ менамояд:

1) талабот нисбати қарорҳое, ки метавонанд аз ҷониби ТФ тибқи натиҷаҳои интихоби пешакӣ қабул шаванд, дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муайян

карда мешаванд;

2) натиҷаҳои интихоби пешакӣ ҳангоми арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ, ки дар марҳилаҳои минбаъдаи манзур кардани пешниҳодҳои тендерӣ супорида шудаанд, ба инобат гирифта намешаванд, ба шарте, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

3) ғолиби тендер бояд дар марҳилаи ниҳоии супоридани пешниҳодҳои тендерӣ муайян карда шавад.

71. Ҳуҷҷатҳои тендерии интихоби пешакӣ бояд маълумоти зеринро дар бар гиранд:

1) меъёрҳои интихоби пешакӣ;

2) имконпазирии иштироки консорсиумҳо;

3) маҳдудиятҳо, агар онҳо нисбат ба шумораи иштирокчиёни пешакӣ интихобгардидаи тендер барои супоридани пешниҳодҳо баъди баанҷомрасии расмиёти интихоби пешакӣ мавҷуд бошанд ва ҳангоми зарурат усуле, ки мутобиқи он интихоби мазкур сурат мегирад;

4) имконпазирии таъсиси шахси ҳуқуқии мустақили довталаби афзалиятдошта бо дархости ТФ мутобиқи моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ»:

а) ТФ метавонад аз довталаби афзалиятдоштаи тендер таъсис додани шахси ҳуқуқиеро талаб намояд, ки мутобиқи қонунгузории ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад;

б) агар довталаби афзалиятдоштаи тендер шахси ҳуқуқиро мутобиқи қисми 1 моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» таъсис диҳад, дар ҳуҷҷатҳои зарурие, ки барои интихоби пешакӣ пешниҳод карда мешаванд ё дар пешниҳоди техникии худ ин ҳолатро зикр мекунад.

в) ҳама гуна талабот нисбат ба сармояи ҳадди ақалли оинномавии шахси ҳуқуқии мутобиқи қисми 1 моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» таъсисдодашуда ва расмиёти гирифтани розигии ТФ барои оинномаи шахси ҳуқуқӣ ё тағйироти муҳим дар оиннома, дар Созишнома тавре зикр карда мешаванд, ки онҳо ба шартҳои дархостҳо барои супоридани пешниҳодҳо ҷавобгӯ бошанд ва ба талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мутобиқат намоянд.

72. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ инчунин бояд маълумоти зеринро низ дар бар гиранд:

1) шартҳои тендер;

2) таркиб ва тавсиф, аз он ҷумла нишондодҳои техникию иқтисодии объекти Созишнома ва дигар амволи тибқи созишнома ба шарики хусусӣ додашаванда;

3) талаботе, ки нисбати иштирокчиёни тендер изҳор карда мешаванд (аз он ҷумла, талабот нисбати тахассусу сифатҳои касбӣ ва кордонии онҳо)

ва мутобиқи онҳо интихоби пешакии иштирокчиёни тендер гузаронида мешавад;

4) номгӯи пурраи ҳуҷҷатҳо, маводҳо ва шакли аз ҷониби муроҷиаткунандагону иштирокчиёни тендер пешниҳод кардани онҳо, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳо ва маводҳое, ки инҳоро тасдиқ менамоянд:

а) мутобиқати муроҷиаткунандагон ба талаботи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва аз иштирокчиёни тендер дархостшаванда;

б) мутобиқати дархостҳо барои иштирок дар тендер ва пешниҳодҳои тендерӣ ба талаботи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ;

в) иттилооти дар пешниҳодҳои тендерӣ мавҷудбуда;

5) муҳлати нашру ҷойгирнамоии хабар дар бораи гузаронидани тендер ва ё равон намудани ин хабар ба шахсони дахлдор мутобиқи қарор дар бораи бастани созишнома якҷоя бо даъват намудан барои иштирок дар тендер;

6) тартиби пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендер ва талаботи нисбати он пешниҳодшаванда;

7) ҷой ва муҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар тендер (сана ва вақти оғоз ва анҷоми ин муҳлат);

8) тартиб, ҷой ва муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тендерӣ;

9) тартиби пешниҳоди тавзеҳи меъёрҳои ҳуҷҷатҳои тендерӣ;

10) ишора ба тарзҳои аз ҷониби шарики хусусӣ таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳо тибқи Созишнома;

11) андозаи пешпардохте, ки барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои вобаста ба бастани Созишнома супорида мешавад, тартиб ва муҳлати супоридани он, маълумот дар бораи суратҳисоб барои супоридани пешпардохт;

12) тартиб, ҷой ва муҳлати супоридани пешниҳодҳои тендерӣ (сана ва вақти оғоз ва анҷоми ин муҳлат);

13) тартиб ва муҳлати тағйир додан ва/ё боз хондани дархост барои иштирок дар тендер ва пешниҳодҳои тендерӣ;

14) тартиб, ҷой, сана ва вақти кушодани лифофаҳои дархост барои иштирок дар тендер;

15) тартиб ва муҳлати гузаронидани интихоби пешакии иштирокчиёни тендер, санаи имзои протокол дар бораи гузаронидани интихоби пешакии иштирокчиёни тендер;

16) тартиби баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ;

17) тартиби муайян намудани ғолиби тендер;

18) муҳлати имзои протокол дар бораи натиҷаҳои гузаронидани тендер;

19) муҳлати имзои Созишнома;

20) усулҳои аз ҷониби шарики хусусӣ таъмин гардидани иҷрои уҳдадориҳо тибқи Созишнома;

21) талабот нисбати ғолиби тендер оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таъмини иҷрои уҳдадориҳои шарики хусусӣ тибқи Созишнома, инчунин талабот нисбати чунин ҳуҷҷатҳо;

22) муҳлати ба шарики хусусӣ супоридани объекти Созишнома ва/ё дигар амволи тибқи Созишнома ба шарики хусусӣ супоридашаванда;

23) дар ҳолате, ки агар шарики хусусӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти пешбининамудаи Созишнома, фурӯхтани молҳои истеҳсолкардааш, иҷрои корҳояш, хизматрасониҳояшро тибқи нархҳои (тарифҳои) танзимшаванда ва/ё бо назардошти иловапулиҳои ба нархҳо (тарифҳо) муқарраршуда амалӣ намояд ва бо қарори ТФ нишондиҳандаҳои дарозмуҳлати танзими фаъолияти шарики хусусӣ муқаррар шуда бошад, ҳуҷҷатҳои тендерӣ бояд чунин нишондиҳандаҳоро дар бар гиранд.

73. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ бояд меъёрҳои зерини мутобиқати иштирокчиро (довталабро) барои гузаштан аз расмиёти интихоби пешакӣ дар бар гиранд:

1) доштани тахассуси дахлдори касбию техникӣ ва захираҳои инсонию моддие, ки барои иҷрои ҳама ҷанбаҳои лоиҳаи шарикӣ зарур аст;

2) доштани қобилияти дахлдори идоракунӣ, ташкилотчигӣ, эътимоднокӣ ва таҷрибаю малака, аз ҷумла таҷрибаи корӣ дар соҳаи татбиқи лоиҳаҳои шарикӣ;

3) доштани иқтидори дахлдори молиявӣ барои маблағгузорӣ ва ё таҷриба дар ташкили маблағгузорӣ ва сармоягузориҳои зарурӣ барои лоиҳаи шарикӣ;

4) иштирок накардан дар баҳсҳои судӣ аз лаҳзаи супоридани пешниҳоди лоиҳавӣ, ки метавонад ба қобилияти иштирокчӣ (довталаб) ҷиҳати татбиқи лоиҳаи шарикӣ таъсири манфӣ расонад.

74. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ ҳамчунин метавонанд меъёрҳои зеринро дар бар гиранд:

1) нишондодҳои техникию иқтисодии объекти созишнома;

2) муҳлатҳои сохтмон ва/ё таҷдиди объекти созишнома;

3) кафолати сифати объекти созишнома аз ҷониби шарики хусусӣ;

4) ҳаҷми маблағгузорӣ, номгӯи амвол ва ё ҳуқуқҳои молумулкӣ, ки бояд ҷиҳати иҷрои созишнома аз ҷониби ТФ ба шарики хусусӣ пешниҳод карда шаванд;

5) андозаи маблағҳои шарики хусусӣ, ки бояд барои иҷрои Созишнома ҷалб карда шаванд;

6) аз ҷониби шарикон таъмин намудани иҷрои ӯҳдадориҳо тибқи Созишнома;

7) нархҳо (тарифҳо), аз он ҷумла нархҳои ниҳоии молҳои истеҳсолшаванда, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, иловапулиҳо ба чунин нархҳо (тарифҳо) ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти пешбининамудаи Созишнома;

8) хавфҳое, ки шарикон ба худ мегиранд;

9) дигар меъёрҳо.

75. Ғолиби тендер ҳамон иштирокчии тендер маҳсуб меёбад, ки пешниҳодҳои тендериаш тибқи хулосаи Комиссияи арзёбӣ нисбат ба пешниҳодҳои дигар иштирокчиёни тендер шартҳои беҳтаринро доро мебошад.

76. Натиҷаҳои баррасии пешниҳодҳои тендерӣ дар протоколи баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ дарҷ карда мешаванд. Протокол бояд тибқи тартиби барои эълон дар бораи гузаронидани тендер пешбинишуда, дар давоми 10 рӯзи корӣ аз рӯзи анҷоми мӯҳлати баррасии пешниҳодҳои тендерӣ нашр карда шавад.

77. Ба иштирокчиёни тендер огоҳиномаи хаттӣ дар бораи натиҷаҳои баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ ирсол мешавад.

78. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ набояд инҳоро дар бар гиранд:

1) талабот нисбати иштирокчиёни тендер, ки дастрасии онҳоро ба иштирок намудан дар тендер беасос маҳдуд месозад;

2) ишора ба нишонаҳои молӣ ва нишонаҳои хизматрасонӣ, номи фирмавӣ, патентҳо, шаклҳои (моделҳои) судманд, намунаҳои саноатӣ ва ё номи маҳалли истеҳсоли молҳо.

## 5. Тартиби интишори маълумот дар бораи гузаронидан ва натиҷаҳои тендер

79. Маълумот дар бораи гузаронидани тендер дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи расмӣ ва дар сомонаи расмии ТФ дар шабакаи Интернет (ҳангоми мавҷуд будан) ва дар сомонаи МВД нашр (ҷойгир) карда мешавад.

80. Мӯҳлати нашр (ҷойгир) кардани маълумот ва ё фиристонидани огоҳинома дар бораи гузаронидани тендер дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар карда мешавад ва наметавонад аз 20 рӯзи корӣ аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати супоридани дархост барои иштирок дар тендер кам бошад.

81. Дар маълумотнома (огоҳинома) бояд инҳо нишон дода шаванд:

1) асосҳои ҳуқуқии гузаронидани тендер;

2) ном, ҷойи (маҳалли) ҷойгиршавӣ, суроғаи почта, рақамҳои

телефони ташкилкунандаи тендер, суроғаи сомонаи расмии вай дар шабакаи Интернет (ҳангоми мавҷуд будан) ва дигар реквизитҳо (иттилоот);

3) ном, ҷойи (маҳалли) ҷойгиршавӣ, суроғаи почта, рақамҳои телефони ТФ, ки барои бастан ва/ё иҷрои Созишнома аз номи давлат ваколатдор мебошад, дар ҳолате, ки ин бо қарор дар бораи бастани Созишнома пешбинӣ шуда бошад;

4) объекти Созишнома;

5) муҳлати амали Созишнома;

6) талабот нисбати иштирокчиёни тендер;

7) меъёрҳои тендер ва нишондиҳандаҳои онҳо;

8) тартиб, ҷой ва муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тендерӣ;

9) андозаи маблағе, ки ташкилкунандаи тендер барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тендерӣ мегирад, тартиб ва муҳлатҳои пардохти ин маблағ, агар чунин маблағ муқаррар шуда бошад;

10) маҳалли ҷойгиршавӣ, суроғаи почта, рақамҳои телефонҳои ТФ (Комиссияи арзёбӣ) ва дигар иттилоот дар бораи он;

11) тартиб, маҳал ва муҳлати супоридани дархост барои иштирок дар тендер (сана ва вақти оғоз ва анҷоми ин муҳлат);

12) тартиб, маҳал ва муҳлати супоридани пешниҳодҳои тендерӣ (сана ва вақти оғоз ва анҷоми ин муҳлат);

13) маҳал, сана ва вақти кушодани лифофаҳои дархостҳо ва пешниҳодҳои тендерӣ;

14) тартиби муайян намудани ғолиби тендер;

15) муҳлати аз ҷониби ҳайати Комиссияи арзёбӣ имзо шудани протокол дар бораи натиҷаҳои гузаронидани тендер;

16) муҳлати имзои созишнома.

82. Маълумот дар бораи натиҷаҳои гузаронидани тендер дар давоми 10 рӯзи корӣ пас аз рӯзи имзои протокол дар бораи натиҷаҳои гузаронидани тендер ва ё тибқи тартиби муқарраргардида қабул гардидани қарор дар бораи баргузорнашуда эълон намудани тендер нашр карда мешавад.

83. Дар маълумот дар бораи натиҷаҳои гузаронидани тендер ном (барои шахси ҳуқуқӣ) ва ё ному насаб, номи падари (барои соҳибкори инфиродӣ) ғолиби тендер ва ё қарор дар бораи баргузорнашуда эълон намудани тендер бо асоснокии ин қарор нишон дода мешавад.

## 6. Тартиби супоридан ва қабули дархост барои иштирок дар тендер

84. Муҳлати супоридан, шакл, мазмун ва талаботе, ки дархост барои

иштирок дар тендер (минбаъд – дархост) бояд ба онҳо мутобиқат намояд, инчунин таркиби ҳуҷҷатҳо ва маводҳое, ки мутобиқати иштирокчиёни тендерро ба талаботи нисбати онҳо изҳоршаванда тасдиқ менамоянд, дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо назардошти талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва ҳамин Дастур муқаррар карда мешаванд.

85. Супоридани дархост аз оғози санаи нашри маълумот дар бораи гузаронидани тендер шурӯъ мешавад ва бевосита пеш аз оғози расмиёти кушодани лифофаҳои дархостҳо қатъ мешавад. Дар баробари ин муҳлати супоридани дархост, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар шудааст, набояд камтар аз 20 рӯзи кориро аз рӯзи нашри маълумот дар бораи гузаронидани тендер ташкил намояд.

86. Дархост бояд ба таври хаттӣ тибқи шакли дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқарраршуда ба расмият дароварда шавад. Дархост бояд ба забони давлатӣ дар ду нусха (нусхаи аслӣ ва нусха), ё ин ки ба миқдори муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба расмият дароварда шавад ва ҳар як нусха бо имзои дархосткунанда тасдиқ карда мешавад ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ дар лифофаи алоҳидаи басташуда, пешниҳод мегардад.

87. Якҷоя бо дархост ба сифати ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи иттилоот дар бораи мутобиқати иштирокчии тендер ба талаботи махсуси интихоби пешакӣ ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

1) ҳуҷҷатҳои дорои тавсифи муфассали таҷрибаи иштирокчии тендер дар амалинамоии лоиҳаҳои ШДБХ, ки шабеҳи объекти созишнома мебошанд;

2) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи қобилияти иштирокчии тендер оид ба таъмин намудани андозаи зарурии маблағҳои худ ва қарзӣ ва омода будан барои сармоягузорӣ ба мақсади амалинамоии созишнома ва/ё қобилият доштан барои ҷалби маблағгузориҳои хусусӣ ба мақсадҳои зикршуда.

88. Бо назардошти хусусиятҳои хоси шакли интихобшудаи ШДБХ, объекти инфрасохтор ва ё хизматрасонии иҷтимоӣ, дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ метавонанд ҳуҷҷатҳои дигар ва/ё иловагие, ки иштирокчии тендер якҷоя бо дархост пешниҳод менамояд ва мутобиқати иштирокчии тендерро ба талаботи махсуси интихоби пешакӣ тасдиқ менамоянд, муқаррар карда шаванд.

89. Ба дархост рӯйхати бо имзои иштирокчии тендер тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳо ва маводҳои пешниҳоднамудааш, ки нусхаи асли онҳо дар ТФ ва нусхаи онҳо дар дасти иштирокчии тендер мемонад, замима карда мешавад.

90. Дар нусхаи рӯйхати ҳуҷҷатҳо ва маводҳои пешниҳоднамудаи иштирокчии тендер дар бораи сана ва вақти супоридани дархост бо нишон додани рақами ин дархост, қайд гузошта мешавад.

91. Ҳамаи нусхаҳои дархост бояд дӯхта шуда бошанд. Дӯхта бояд бо имзои намояндаи ваколатдори иштирокчии тендер тасдиқ шуда бошад. Дар тарафи дигари вараќи охирони дархост бояд шумораи умумии саҳифаҳои дархост нишон дода шуда бошанд. Нусхаи дархост бояд алоҳида аз нусхаи асли он дӯхта шуда бошад.

92. Нусхаҳои факсимилии ҳуҷҷатҳо қабул карда намешаванд ва эътибор надоранд. Ҳамаи саҳифаҳои нусхаи асли дархост бояд рақамгузорӣ ва бо навиштаҷоти «Нусхаи асл» тамғагузорӣ шуда бошанд. Ҳамаи саҳифаҳои нусхаи дархост бояд рақамгузорӣ ва бо навиштаҷоти «Нусха» тамғагузорӣ шуда бошанд. Дар ҳолати мавҷуд будани фарқ миёни нусхаи асл ва нусха, нусхаи асл баррасӣ карда мешавад.

93. Дархости пешниҳодшуда, бояд дар дафтари дархостҳо зери рақами тартибӣ бо нишон додани сана ва вақти аниқи (соат ва дақиқаи) пешниҳод шудани он ба қайд гирифта шавад.

94. Иштирокчии тендер метавонад дархосташро дар ҳар вакт то лаҳзаи ба охир расидани муҳлати супоридани дархостҳо тағйир диҳад ва ё бозпас хонад. Тағйироти дархост ва ё огоҳинома дар бораи бозпас хондани он дар ҳолате эътибор доранд, ки чунин тағйирот ва ё огоҳинома то ба охир расидани муҳлати супоридани дархостҳо ворид шуда бошад.

95. Лифофаи дархосте, ки баъди ба охир расидани муҳлати супоридани дархостҳо супорида шудааст, кушода намешавад ва якҷоя бо рӯйхати ҳуҷҷатҳо ва маводҳои пешниҳодшуда бо қайди рад намудани қабули дархост дар он ба иштирокчии тендер, ки онҳоро пешниҳод намудааст, баргардонида мешавад.

96. Як иштирокчии тендер ҳуқуқ дорад танҳо як дархост пешниҳод намояд.

## 7. Тартиби гузаронидани интихоби пешакии иштирокчиёни тендер

97. Интихоби пешакии иштирокчиёни тендер аз ҷониби ТФ бо мақсади муайян намудани он иширокчиёни тендер, ки ба талаботи умумӣ ва махсуси интихоби пешакии иштирокчиёни тендер мутобиқат менамоянд ва ҳуқуқи супоридани пешниҳодҳои тендериро ба даст меоранд, гузаронида мешавад.

98. Талаботи интихоби пешакии иштирокчиёни тендер дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» бо назардошти шакли интихобшудаи ШДБХ ва хусусиятҳои хоси объекти инфрасохтор ва ё хизматрасонии иҷтимоӣ муқаррар карда мешаванд.

99. Дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ нисбат ба иштирокчии тендер талаботи умумии зерин пешбинӣ шуда метавонанд:

1) мавҷудияти бақайдгирии тибқи тартиби муқарраргардида анҷомдодашуда;

2) нисбати вай мавҷуд набудани расмиёти оғозгардидаи барҳамдиҳӣ ва ё таҷдид;

3) нисбати вай мавҷуд набудани расмиёти оғозгардида ва/ё анҷомдодашудаи муфлисшавӣ дар панҷ соли охир;

4) мавҷуд набудани қарзҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар назди буҷет ва ё дигар фондҳои ғайрибуҷетӣ то ҳолати охири соли тақвимии гузашта. Иштирокчии тендер талаботи мазкурро иҷронамуда ҳисобида мешавад, ба шарте, ки вай чунин қарздориро мутобиқи қонунгузории ҶТ мавриди баҳси судӣ қарор дода бошад ва агар оид ба чунин баҳс дар санаи баррасии дархост қарори судии ба қувваи қонун даромада мавҷуд набошад, ва ё қарори мавҷудбуда ба фоидаи иштирокчии тендер бошад;

5) то рӯзи супоридани дархост нисбати иштирокчии тендер мавҷуд набудани қарор дар бораи боздоштани фаъолияташ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ;

6) иштирок накардан дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба омода намудан ва гузаронидани тендер;

7) мавҷуд набудани маълумот дар бораи иштирокчӣ дар феҳрасти молтаъминкунандагони бевиҷдон;

8) мавҷудияти гардиши солона ва дороиҳои баробар ба андозаи муайяннамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ, барои ҳар як соли давраи охироне, ки давомияташро ҳуҷҷатҳои тендерӣ муайян менамоянд;

9) мавҷудияти фоидаи соф (пас аз пардохти андозҳо) аз фаъолият барои ҳар як ду соли охир.

100. Дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ нисбат ба иштирокчии тендер талаботи махсуси зерин пешбинӣ шуда метавонанд:

1) мавҷудияти таҷрибаи (мустақилона ва ё якҷоя бо дигар шахсон) амалинамоии лоиҳаҳои ШДБХ;

2) бе вайронкорӣ маблағгузорӣ намудани лоиҳаҳои ШДБХ, аз он ҷумла аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ, дар ҳаҷми муайяннамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ;

3) мавҷудияти таҷрибаи ҷалби маблағҳои ғайридавлатӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои ШДБХ.

101. Бо назардошти хусусиятҳои шакли ШДБХ, объекти инфрасохтор ва ё хизматрасонии иҷтимоӣ, дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ метавонанд мазмуни дигар ва/ё иловагии талаботи махсуси дар боло зикршуда, инчунин талаботи махсуси дигар ва/ё иловагӣ, аз он ҷумла, талаботи махсуси молиявӣ, истифодабарӣ, ҳуқуқӣ ва техникии интихоби пешакӣ муқаррар карда шаванд.

102. Интихоби пешакӣ инҳоро дар бар мегирад:

1) муайян намудани мутобиқати дархост ба талаботи дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқарраршуда;

2) муайян намудани мутобиқати тахассуси иштирокчиёни тендер ба талаботи умумӣ ва махсуси интихоби пешакӣ (минбаъд – талабот), ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои тендерӣ нисбат ба иширокчиёни тендер пешниҳод мешаванд.

103. Интихоби пешакӣ дар муҳлати дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикршуда, вале на зиёдтар аз 14 рӯзи корӣ аз рӯзи кушодани лифофаҳои дархостҳо гузаронида мешавад. Барои гузаронидани интихоби пешакӣ ТФ метавонад коршиносони мустақил ва/ё гуруҳи коршиносонро ҷалб намояд.

104. Ҳангоми баррасии дархостҳо ТФ дурустии маълумоти дар дархост зикршударо месанҷад.

105. Дар ҳолати аз ҷониби иштирокчии тендер пешниҳод гардидани маълумоти нопурра ва/ё нодуруст, ТФ ҳуқуқ дорад аз иштирокчии тендер пешниҳод намудани баёнотро оид ба дархости пешниҳоднамудааш ҷиҳати тасдиқи мутобиқати иштирокчии тендер ба талабот дар шакли хаттӣ талаб намояд.

106. Талабот ба суроғаи иштирокчии тендер ва ё ба воситаи алоқаи факсимилӣ ба рақами факс, почтаи электронӣ, ки дар дархосташ нишон дода шудааст, бо ирсоли мактуби фармоишӣ бо огоҳинома дар бораи супоридан, ирсол карда мешавад.

107. Талабот бояд аз ҷониби иштирокчии тендер дар давоми 10 рӯзи корӣ аз санаи гирифтани талабот баррасӣ ва иҷро карда шавад, агар дар талабот мухлати дигар муқаррар нашуда бошад.

108. Дар ҳолати талаботро дар муҳлати зикршуда иҷро накардани иштирокчии тендер, ТФ ҳуқуқ дорад, ки иттилооти дар якҷояги бо дархост пешниҳодшударо нопурра ва/ё нодуруст ҳисобида, дар бораи рад намудани эътирофи мутобиқати иштирокчии тендер ба талабот қарор қабул намояд.

109. Аз натиҷаи баррасии дархостҳо ТФ нисбат ба ҳар як иштирокчии тендер, ки дар интихоби пешакӣ иштирок дошт, яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

1) дар бораи эътироф намудани мутобиқати тахассуси иштирокчии тендер ба талаботи пешниҳодшуда ва аз интихоби пешакӣ гузаштани он;

2) дар бораи рад намудани эътирофи мутобиқати тахассуси иштирокчии тендер ба талаботи пешниҳодшуда ва аз интихоби пешакӣ нагузаштани он.

110. Қарор дар бораи рад намудани эътирофи мутобиқати тахассуси иштирокчии тендер ба талаботи пешниҳодшуда қабул карда мешавад, агар:

1) тахассуси иштирокчии тендер, ки дар интихоби пешакӣ иштирок намуда буд, ба талаботи нисбати иштирокчиёни тендер пешниҳодшуда

мутобиқат нанамояд;

2) дархост ба талаботи нисбати дархостҳо пешниҳодшуда мутобиқат надошта бошад;

3) ҳуҷҷатҳо ва маводи пешниҳоднамудаи иштирокчии тендер, ки дар интихоби пешакӣ иштирок намудааст, нопурра ва/ё нодуруст бошанд.

111. Натиҷаҳои интихоби пешакӣ бо протокол дар бораи натиҷаҳои интихоби пешакӣ (минбаъд – протокол) ба расмият даровarda мешаванд. Протокол номгӯи иштирокчиёни тендерро, ки аз интихоби пешакӣ гузаштаанд ва ҳуқуқи супоридани пешниҳодҳои тендериро ба даст овардаанд, инчунин номгӯи иштирокчиёни тендерро, ки аз интихоби пешакӣ нагузаштаанд ва ҳуқуқи супоридани пешниҳодҳои тендериро ба даст наовардаанд, бо асоснок намудани қарори қабулгардида нисбати ҳар як иштирокчии тендер, дар бар мегирад.

112. Дар бораи натиҷаҳои интихоби пешакӣ ва қарорҳои қабулнамудаи ТФ, иштирокчиёни тендер дар давоми 5 рӯзи корӣ пас аз рӯзи имзо намудани протокол аз ҷониби ТФ огоҳонида мешаванд ва ба онҳо ҳуҷҷатҳои зерин ирсол карда мешаванд:

1) ба иштирокчиёни тендер, ки аз интихоби пешакӣ гузаштаанд, - нусхаи протокол, ки дорои қарор дар бораи аз интихоби пешакӣ гузашта эътироф гардидани иштирокчии дахлдор, ва огоҳинома дар бораи ба даст овардани ҳуқуқи супоридани пешниҳодҳои тендерӣ мебошад;

2) ба иштирокчиёни тендер, ки аз интихоби пешакӣ нагузаштаанд, - нусхаи протокол, ки дорои қарор дар бораи рад намудани эътирофи мутобиқати иштирокчии тендер ба талабот, ва қарор дар бораи аз интихоби пешакӣ нагузашта эътироф кардани иштирокчии тендер мебошад.

113. Иштирокчии тендер ҳуқуқ дорад дар ҳар вақт то ба охир расидани муҳлати супоридани пешниҳодҳои тендерӣ, пешниҳодҳои тендериашро тағйир диҳад ва ё бозпас гирад.

114. Иштирокчии тендер ҳуқуқ надорад дар доираи ҳамон як марҳилаи супоридани пешниҳодҳои тендерӣ ду ва ё зиёда пешниҳодҳои тендерӣ супорад.

115. Агар дар лаҳзаи кушодани лифофаҳои пешниҳодҳои тендерӣ танҳо як пешниҳоди тендерӣ супорида шуда бошад, пешниҳоди тендерӣ арзёбӣ мешавад ва, агар пешниҳоди тендерӣ ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ мутобиқат намояд, тендер баргузорнашуда эътироф карда мешавад, дар баробари ин метавонад, ки созишнома бо шахси зикршуда бе гузаронидани тендер баста шавад.

## 8. Тартиби арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ

116. ТФ ҷиҳати арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ Комиссияи арзёбӣ

таъсис медиҳад. Тартиби таъсис, ҳайат ва фаъолияти Комиссияи арзёбиро Дастури методӣ оид ба тартиби таъсис, ҳайат ва фаъолияти Комиссияи арзёбии пешниҳодҳои тендерии лоиҳаҳои шарикӣ дар ҶТ танзим менамояд, ки аз ҷониби Маркази ШДБХ таҳия карда мешавад.

117. Баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ бо мақсади муайян намудани мутобиқати пешниҳодҳои тендерӣ ба меъёрҳои тендерӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар шудаанд, инчунин муқоисаи шартҳои дар пешниҳодҳои тендерӣ пешбинишуда барои муайян намудани ғолиби тендер анҷом дода мешавад.

118. Меъёрҳои тендерӣ ва мазмуни онҳо барои арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо назардошти Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва Дастури мазкур муқаррар карда мешаванд.

119. Мазмуни меъёри тендерӣ бо роҳи дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар намудани тартиби арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ муайян карда мешавад. Дар ҳолати мутобиқат намудани пешниҳодҳои тендерӣ ба маҷмӯи меъёрҳои тендерӣ дар марҳилаи арзёбии пешакӣ, пешниҳодҳои тендерӣ барои баррасии минбаъда ба марҳилаи арзёбии ниҳоӣ роҳ дода мешаванд.

120. Дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ нисбати ҳар як меъёри тендер нишондиҳандаҳои ададие, ки бузургии ибтидоии меъёрро дар намуди рақам муайян мекунанд ва ба зарурати камшавӣ ва ё зиёдшавии бузургии ибтидоии меъёр ишора менамоянд, муқаррар шуда метавонанд.

121. Ҳар як пешниҳоди тендерӣ бояд ҷиҳати мутобиқаташ ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ оиди барасмиятдарории пешниҳоди тендерӣ ва пуррагии ҳуҷҷатҳо ва иттилооти пешниҳодшуда санҷида шавад.

122. Дар ҳолати аз ҷониби иштирокчии тендер дар пешниҳодҳои тендерӣ пешниҳод гардидани маълумоти нопурра ва ё носаҳеҳ, ТФ ҳуқуқ дорад, ки аз иштирокчии дахлдори тендер манзур намудани тавзеҳотро нисбат ба пешниҳоди тендериаш дар шакли хаттӣ дархост намояд.

123. Дархост ба суроғаи иштирокчии тендер ва ё ба воситаи алоқаи факсимилӣ ба рақами факс, почтаи электронӣ, ки дар мактуби ҳамроҳӣ ба пешниҳоди тендерии иштирокчии тендер зикр шудаанд, бо ирсоли мактуби фармоишӣ ва бо огоҳ намудан дар бораи супоридан, ирсол карда мешавад.

124. Дархост бояд дар давоми 10 рӯзи корӣ аз санаи гирифтани он баррасӣ ва иҷро карда шавад, агар дар дархост мӯҳлати дигар муқаррар нашуда бошад. Дархост дар санаи расонидани мактуб тибқи суроғаи иштирокчии тендер, ки дар огоҳинома дар бораи супоридан ва ё дар огоҳинома дар бораи имконнопазирии супоридани муросилот бинобар сабаби мавҷуд набудани намояндагони иштирокчии тендер дар суроғаи мазкур зикр шудааст, аз ҷониби иштирокчии тендер гирифташуда ҳисобида мешавад.

125. Дар ҳолати дар муҳлати зикршуда пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо ва/ё иттилооти дархостшаванда ва ё ошкор гардидани маълумоти нодуруст дар пешниҳоди тендерӣ, чунин пешниҳод арзёбӣ карда намешавад.

126. Қарор дар бораи мутобиқат накардани пешниҳоди тендерӣ ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ дар ҳолате қабул карда мешавад, ки агар:

1) аз ҷониби иштирокчии тендер ҳуҷҷатҳо ва маводҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешбинӣ шудаанд мутобиқати пешниҳоди тендериро ба талаботи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ тасдиқ менамоянд ва иттилооти дар пешниҳоди тендерӣ дарҷшударо тасдиқ менамоянд, пешниҳод нашаванд;

2) шарте, ки дар пешниҳоди тендерӣ дарҷ шудааст, ба нишондиҳандаҳои ададии меъёрҳои тендерӣ мутобиқат нанамояд;

3) ҳуҷҷатҳо ва/ё маводҳои пешниҳоднамудаи иштирокчии тендер нодуруст бошанд.

127. Арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешниҳод шудаанду дорои нишондиҳандаҳои ададии меъёрҳои тендерӣ мебошанд, тибқи тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

1) дар ҳолате, ки агар барои меъёри тендерӣ зиёдшавии адади ибтидоии он муқаррар шуда бошад, бузургие, ки тибқи шарти дар пешниҳоди тендерӣ пешбинишуда ва чунин меъёр ҳисоб карда мешавад, бо роҳи зарб намудани коэффитсенти чунин меъёр ба фарқияти адади шарте, ки дар пешниҳоди тендерӣ пешбинӣ шудааст, ва ҳадди камтарин аз ададҳое, ки дар шартҳои ҳамаи пешниҳодҳои тендерӣ пешбинӣ шудаанд, ба фарқи зиёдтарин аз адади дар шартҳои ҳамаи пешниҳодҳои тендерӣ пешбинӣ шудаанд, ва ҳадди камтарин аз ададҳое, ки дар шартҳои ҳамаи пешниҳодҳои тендерӣ пешбинӣ шудаанд, муайян карда мешавад.

2) дар ҳолате, ки агар барои меъёри тендерӣ камшавии адади ибтидоии он муқаррар шуда бошад, бузургие, ки тибқи шарти дар пешниҳоди тендерӣ пешбинишуда ва чунин меъёр ҳисоб карда мешавад, бо роҳи зарб намудани коэффитсенти чунин меъёр ба фарқияти адади шарте, ки дар пешниҳоди тендерӣ пешбинӣ шудааст, ва ҳадди зиёдтарин аз ададҳое, ки дар шартҳои ҳамаи пешниҳодҳои тендерӣ пешбинӣ шудаанд, ба фарқи зиёдтарин аз адади дар шартҳои ҳамаи пешниҳодҳои тендерӣ пешбинӣ шудаанд, ва ҳадди камтарин аз ададҳое, ки дар шартҳои ҳамаи пешниҳодҳои тендерӣ пешбинӣ шудаанд, муайян карда мешавад.

128. Дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ метавонад тартиби дигари арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешниҳод шудаанду дорои нишондиҳандаҳои ададии меъёрҳои тендерӣ мебошанд, муқаррар шавад.

129. Барои ҳар як пешниҳоди тендерӣ бузургиҳое, ки тибқи банди 127 ҳамин Дастур дар ҳамаи меъёрҳои тендерӣ ҳисоб карда шудаанд, ҷамъбаст

гардида, бузургии ҷамъбастӣ ҳисоб карда мешавад.

130. Шартҳои дар пешниҳодҳои тендерӣ пешбинишуда бо роҳи муқоисаи натиҷаҳои ҷамъбастнамоӣ баҳо дода мешаванд.

131. Ҳамон иштирокчии тендер ғолиб эътироф карда мешавад, ки шартҳои беҳтаринро пешниҳод намудааст.

132. Дар ҳолате, ки агар ду ва аз он зиёд пешниҳодҳои тендерӣ дорои шартҳои баробари беҳтарин бошанд, ғолиби тендер ҳамон иштирокчии тендер дониста мешавад, ки пешниҳоди тендериро пештар аз иштирокчиёни дигари зикршудаи тендер супорида бошад.

133. Арзёбии пешниҳодҳои тендерие, ки тибқи ҳуҷҷатҳои тендерӣ супорида шудаанд, нишондиҳандаҳои ададии меъёрҳои тендерро муқаррар наменамоянд, бо роҳи ба назар гирифтани аҳамияти пешниҳодҳои тендерӣ дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳии маҷмӯии онҳо ва муқоиса аз рӯи дараҷаи манфиатнокии шартҳои дар онҳо пешбинишуда, амалӣ карда мешавад.

134. Ҳангоми баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ метавонанд фикру мулоҳизоти коршиносони мустақил ва ё гурӯҳи коршиносони ҷалбшуда ба инобат гирифта шаванд.

135. Аз натиҷаҳои баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ протоколи баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ ба расмият дароварда мешавад, ки инҳоро дар бар мегирад:

1) натиҷаҳои баррасии пешниҳодҳои тендерӣ бо нишон додани пешниҳодҳои тендерие, ки дар бораи номутобиқатии онҳо ба меъёрҳои тендерии дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқарраршуда қарор қабул шудааст;

2) натиҷаҳои арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ;

3) ном ва ҷои (маҳалли) ҷойгиршавии ғолиби тендер, асоснокии қарори қабулгардида дар бораи ғолиби тендер донистани иштирокчии тендер.

136. Протоколи баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ бояд тибқи тартиби нашри иттилоот дар бораи гузаронидани тендер, дар давоми 10 рӯзи корӣ аз рӯзи ба охир расидани муҳлати баррасии пешниҳодҳои тендерӣ, интишор карда шавад. Ба иштирокчиёни тендер мумкин аст, ки огоҳиномаи хаттӣ дар бораи натиҷаҳои баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ ирсол карда шавад.

137. Агар тибқи натиҷаҳои баррасии пешниҳодҳои тендерӣ дар бораи он, ки ягон пешниҳоди тендерӣ ба меъёрҳои тендерӣ мутобиқат намекунанд, қарор қабул гардад, пас тендер баргузорнагардида эътироф карда мешавад.

138. Муҳлати баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои тендерӣ дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар карда мешавад ва наметавонад аз 30 рӯзи корӣ аз рӯзи кушодани лифофаҳои пешниҳодҳои тендерӣ зиёд бошад.

## 9. Созишнома оид ба ШДБХ

139. Созишнома оид ба ШДБХ бо мақсади сохтмон (таҷдид), истифодабарии объектҳо ва/ё пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоии зерин баста шуда метавонад:

1) инфрасохтори нақлиёт ва нақлиёт;

2) инфрасохтори коммуналӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ;

3) қувваи барқ;

4) алоқа;

5) соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ;

6) маориф ва хизматрасонии иҷтимоӣ;

7) таъиноти сайёҳӣ;

8) инфрасохтори системаи инноватсионӣ;

9) иншооти гидротехникӣ;

10) дигар объектҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ.

140. Созишнома ҳатман инҳоро дар бар мегирад:

1) хусусият ва ҳаҷми кору хизматрасониҳое, ки шарики хусусӣ пешниҳод мекунад;

2) шартҳои пешниҳод намудани хизматрасонӣ ва дараҷаи истисноии онҳо, ҳуқуқҳои шарики хусусӣ дар Созишнома;

3) кӯмаке, ки ТФ метавонад дар гирифтани иҷозатномаҳо ва иҷозатҳо ба дараҷае, ки он барои татбиқи лоиҳаи шарикӣ зарур аст, пешниҳод намояд;

4) баргардонидани дороиҳо ба ТФ баъд аз қатъ гардидан ё ба охир расидани мӯҳлати амали Созишнома бо тартиби муайянкардаи Созишнома;

5) тартиби баррасӣ ва тасдиқи лоиҳаҳои техникӣ, нақшаҳо ва тафсилоти сохтмон аз ҷониби ТФ ва расмиёти озмоиш ва санҷиши хотимавӣ, тасдиқ ва қабули лоиҳаи шарикӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои шарикӣ дар соҳаи инфрасохтор;

6) ҳуқуқҳои ТФ ё МТ:

а) гузаронидани мониторинги иҷрои корҳо, хизматрасониҳое, ки аз ҷониби шарики хусусӣ пешниҳод карда мешаванд;

б) шартҳо ва дараҷае, ки ТФ ё МТ метавонад ба он ворид намудани тағйиротро оид ба корҳо ва шартҳои хизматрасонӣ талаб намояд;

в) андешидани дигар тадбирҳои оқилона, ки ба ақидаи онҳо, барои дуруст фаъолият намудани лоиҳаи шарикӣ қобили қабул мебошанд;

г) андешидани чораҳо мутобиқи талаботи ҳуқуқӣ ва шартномавӣ;

7) сатҳе, ки тибқи он шарики хусусӣ уҳдадор аст ба ТФ ё МТ ҳисобот ва дигар иттилоотро оид ба фаъолияти худ пешниҳод намояд;

8) механизмҳо барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба хароҷоти иловагӣ ва дигар оқибатҳое, ки метавонанд дар натиҷаи ягон дастур аз ҷониби ТФ

ё дигар мақоми давлатӣ ба вуҷуд оянд, аз ҷумла ҳар гуна ҷубронҳое, ки шарики хусусӣ ҳуқуқи ба онҳо даъво карданро дорад;

9) ҳуқуқи ТФ ба баррасӣ ва тасдиқ намудани қарордодҳои асосие, ки шарики хусусӣ ба имзо мерасонад, аз ҷумла бо иштироки шарики хусусӣ ё дигар шахсони вобаста;

10) кафолати иҷрои лоиҳаи шарикӣ, ки бояд пешниҳод карда шавад ва полисҳои суғуртавие, ки бояд шарики хусусӣ барои татбиқ намудани лоиҳаи шарикӣ дошта бошад;

11) чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ дар сурати аз ҷониби яке аз тарафҳо иҷро нагардидани уҳдадориҳо;

12) шартҳои озод кардани тарафҳо аз масъулияти қодир набудан барои иҷрои уҳдадориҳо ё ба таъхир гузоштани ҳамаи уҳдадориҳое, ки берун аз доираи механизми оқилонаи он қарор доранд;

13) муҳлати амали Созишнома, инчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо баъди гузаштани муҳлат ё қатъ гардидани он;

14) усули ҳисобкунии зарар ва ҷуброн мутобиқи моддаи 43 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ». Дар Созишнома тартиби ҷуброни зиёни тарафҳо қайд карда мешавад, ки он дар ҳолати бекор кардани Созишнома ҳисоб карда мешавад ва дар мавриди зарурӣ пардохти ҷуброни воқеии арзиши корҳои дар доираи Созишнома иҷрошуда, хароҷот ё талафоти анҷомдодаи тарафҳо, аз ҷумла фоидаи аздастдода пешбинӣ карда мешавад;

15) ҳуқуқ ва механизмҳои истифодашавандаи танзими баҳсҳое, ки метавонанд байни ТФ ва шарики хусусӣ ба миён оянд;

16) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо нисбат ба иттилооти махфӣ;

17) шартҳои дахлдори молиявӣ;

18) тақсими хавфҳо байни ТФ ва шарики хусусӣ;

19) ба шарики хусусӣ пардохт намудани ҷубронпулӣ аз ҳисоби буҷети дахлдор ё пардохти ҳаққи хизматрасонӣ, ки шарики хусусӣ барои хизматрасонӣ мутобиқи моддаи 32 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» анҷом додааст. Созишнома метавонад ба шарики хусусӣ ҷиҳати ба даст овардани ҳуқуқи муқаррар кардан, гирифтан ё ҷамъ кардани пардохти ҳаққи хизматрасониро ҳангоми татбиқи лоиҳаи шарикӣ мутобиқи шартҳои Созишнома иҷозат диҳад. Созишнома усулу шаклҳои муқаррар тасҳеҳ намудани пардохти ҳаққи хизматрасониро мутобиқи шартҳое, ки МТ-и салоҳиятдор муқаррар намудааст, пешбинӣ менамояд. ТФ метавонад пардохти бевоситаро ба шарики хусусӣ ба сифати иваз ё илова ба пардохти ҳаққи хизматрасонӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаи шарикӣ анҷом диҳад;

20) уҳдадориҳои бахши хусусӣ барои иҷро ё татбиқи лоиҳаи шарикӣ, хавфҳои молиявӣ, техникӣ ё амалиётӣ иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё истифодаи моликияти давлатӣ ва гирифтани пардохтҳо барои хизматрасонӣ.

141. Дар Созишнома ҳамчунин ҳамаи дигар масъалаҳое, ки тарафҳо зарур меҳисобанд, пешбинӣ шуда метавонанд.

## 10. Имзои созишнома ва қувваи эътибор пайдо намудани он

142. Имзои созишнома ва қувваи эътибор пайдо намудани он марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) мувофиқаи ниҳоии шартҳои созишнома;

2) имзои бастаи ҳуҷҷатҳо;

3) иҷрои шартҳои батаъхиргузошташуда;

4) қувваи эътибор пайдо намудани созишнома.

143. Дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ тартиби гузаронидани музокирот бо ғолиби тендер бо мақсади бастани созишнома ва мувофиқа намудани он шартҳои созишнома, ки дар худи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва ё лоиҳаи созишнома танзим нашудаанд, муайян карда мешавад.

144. Иҷрои шартҳои ба таъхир гузошташудаи созишнома, аз он ҷумла ҷалби маблағҳо ба лоиҳа, супоридани ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи ҳуқуқ, наметавонад аз муҳлати дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ барои қувваи эътибор пайдо намудани созишнома муқарраршуда зиёд бошад.

145. Аз натиҷаи корҳо ба Шӯро оид ба ШДБХ гузориш пешниҳод карда мешавад. Аз натиҷаи баррасии гузориш дар ҷаласаи Шӯро оид ба такмил додани шартҳои алоҳидаи созишнома, ки муҳим намебошанд, инчунин дар бораи бастани созишномаҳои иловагӣ бо ташкилоти маблағгузор ва сармоягузори хусусӣ вобаста ба масъалаҳои ҳамкориҳои мутақобила ҳангоми амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ қарор қабул карда мешавад.

146. ТФ ҷараёни аз ҷониби шарики хусусӣ ба имзо расонидани созишномаҳои зарурии молиявӣ ва иҷро гардидани шартҳои дигари ба таъхир гузошташудаи созишномаро назорат менамояд.

## 11. Сохтмони (таҷдиди) объекти ШДБХ

147. Марҳилаи сохтмони (таҷдиди) объекти ШДБХ масъалаҳои вобаста ба гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва сметавӣ ва гузаронидани экспертизаи (ташхиси) давлатии онҳо, ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмон (таҷдид), агар ин чорабиниҳо дар марҳилаҳои ибтидоӣ иҷро нашуда бошанд, инчунин омода намудани қитъаи замин барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва ба истифода додани объектҳои ШДБХ-ро дар бар мегирад.

148. Марҳилаи сохтмони (таҷдиди) объекти ШДБХ тибқи шартҳои созишнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ анҷом дода мешавад.

149. Чорабиниҳо ба мақсади иҷрои уҳдадориҳои ТФ дар доираи марҳилаи сохтмони (таҷдиди) объекти ШДБХ аз ҷониби Гурӯҳи кории таъсисдодаи ТФ ташкил ва амалӣ карда мешаванд. Гурӯҳи корӣ нақша – ҷадвали иҷрои уҳдадориҳои ТФ-ро оид ба сохтмони (таҷдиди) объекти ШДБХ, ки бо созишномаи имзошуда муқаррар шудаанд, таҳия менамояд.

150. Чорабиниҳои дар банди 149 Дастури мазкур пешбинишуда, аз ҷониби ТФ мустақилона ва ё бо ҷалби дигар шахсон дар доираи маблағҳои худӣ ва/ё дигар сарчашмаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ манъ накардаанд, амалӣ карда мешаванд.

151. Мониторинги иҷрои уҳдадориҳои иштирокчиёни созишнома дар марҳилаи сохтмони (таҷдиди) объекти ШДБХ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва Дастури мазкур амалӣ карда мешавад.

## 12. Ба истифода додани объекти ШДБХ

152. Марҳилаи ба истифода додани объектҳои сохташуда ва/ё таҷдидшудаи ШДБХ, қитъаҳои замин ва дигар объектҳои амволи манқул ва ғайриманқул тибқи шартҳои созишнома ва тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ амалӣ карда мешавад.

153. Чорабиниҳо бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои ТФ дар доираи марҳилаи ба истифода додани объекти ШДБХ аз ҷониби Гурӯҳи кории таъсисдодаи ТФ ташкил ва амалӣ карда мешаванд. Гурӯҳи корӣ нақша – ҷадвали иҷрои уҳдадориҳои ТФ-ро оиди ба истифода додани объекти ШДБХ, ки бо созишномаи имзошуда муқаррар шудаанд, таҳия менамояд.

154. Чорабиниҳои дар банди 153 Дастури мазкур пешбинишуда, аз ҷониби ТФ мустақилона ва ё бо ҷалби дигар шахсон дар доираи маблағҳои худӣ ва/ё дигар сарчашмаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ манъ накардаанд, амалӣ карда мешаванд.

155. Мониторинги иҷрои уҳдадориҳои иштирокчиёни Созишнома дар марҳилаи ба истифода додани объекти ШДБХ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва Дастури мазкур амалӣ карда мешавад.

156. Ҳангоми аз ҷониби тарафҳо вайрон намудани шартҳои созишнома, тарафҳо барои нигоҳ доштани уҳдадориҳои қарордодӣ, аз он ҷумла, бо роҳи созиш (компромис) ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ дар доираи созишнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, чораҳо меандешанд.

## 13. Бaанҷомрасии лоиҳаи ШДБХ

157. Лоиҳаи ШДБХ бо иҷро гардидани ҳамаи уҳдадориҳои ба худ гирифтаи тарафҳои созишнома ба анҷом мерасад.

158. Дар лаҳзаи баанҷомрасии лоиҳаи ШДБХ тибқи созишнома бояд аз объектҳои ШДБХ, қитъаҳои замин ва дигар объектҳои амволи манқул ва ғайриманқул ҳамаи мушкилиҳо бардошта шаванд. Бақайдгирии (азнавбақайдгирии) объектҳои амволи манқул ва ғайриманқул, ҳуқуқҳое, ки бақайдгирии (азнавбақайдгирии) ҳатмии давлатиро талаб менамояд, тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ амалӣ карда мешавад.

159. Объекти ШДБХ, қитъаҳои замин ва дигар объектҳои амволи манқул ва ғайриманқул бояд дар ҳолати дурусти техникӣ ба шарики давлатӣ супорида шаванд. Расмиёти муоинаи объектҳои дахлдор, талабот ба ҳолати техникии онҳо ва дигар талабот бо созишнома муайян карда мешаванд.

160. Расмиёт ва шартҳои супоридани объекти ШДБХ, қитъаҳои замин ва дигар объектҳои амволи манқул ва ғайриманқул бо созишнома муайян карда мешаванд. Ба шарики давлатӣ супоридани объектҳои дар ҳамин банд зикршуда дар асоси санади қабулу супоридане, ки тарафҳои созишнома имзо менамоянд, амалӣ карда мешавад.

## 14. Мониторинги иҷрои уҳдадориҳо тибқи лоиҳаҳои ШДБХ

161. Дар ин марҳила корҳо оид ба мониторинги иҷрои уҳдадориҳои шарикони хусусӣ ва ТФ, ки дар доираи созишнома  ба зимма гирифтаанд, амалӣ карда мешаванд.

162. Назорати аз ҷониби шарикони хусусӣ иҷро гардидани шартҳои созишнома тибқи талаботи моддаи 39 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» анҷом дода мешавад.

163. МВД нақша – ҷадвали кории назорати иҷрои уҳдадориҳои қарордодии шарики хусусӣ ва ТФ-ро оид ба лоиҳаи ШДБХ бо муайян намудани сохторҳои масъули ТФ, ки оид ба масъалаҳои дахлдори амалӣ намудани лоиҳа ваколатдоранд, таҳия менамояд.

164. Мутобиқи нақша – ҷадвали зикршуда чорабиниҳои оид ба пурсиши тарафҳо оид ба иҷрои мутақобилаи уҳдадориҳояшон гузаронида мешаванд. Ҳангоми ошкор гардидани омилҳое, ки ба амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ монеъ мешаванд, чораҳо андешида мешаванд ва ё ҷараёни музокирот (машварат) оид ба бартараф (рафъ) намудани онҳо ташкил карда мешавад.

165. Тибқи натиҷаҳои машварат номгӯи чорабиниҳо бо муайян намудани масъулон ва мухлатҳои амалӣ намудани онҳо, инчунин масъалаҳои мувофиқи мақсад будани такмили ҳуҷҷатҳои қарордодӣ ва меъёрии лоиҳа муайян карда мешаванд.

166. Натиҷаҳои мониторинг ва пешниҳодҳо оид ба рафъ намудани омилҳое, ки ба амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ монеъ мешаванд, дар давоми 5 рӯзи корӣ ба МВД ирсол карда  мешаванд.

167. Иштирокчиёни лоиҳаи ШДБХ ва дигар тарафҳои манфиатдор дар бораи натиҷаҳои мониторинг ва чораҳои андешидашуда оид ба рафъ намудани омилҳое, ки ба амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ монеъ мешаванд, тибқи шартҳои созишнома хабардор карда мешаванд.

## 15. Хусусиятҳои хоси амалисозии намудҳои алоҳидаи лоиҳаҳои ШДБХ

168. ТФ метавонад музокиротро доир ба созишнома бе истифодаи расмиёте, ки моддаҳои 9-21 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» муқаррар намудаанд, бо назардошти розигии Шӯро ва баъди гирифтани тавсияҳои МВД оғоз намояд.

169. Музокирот доир ба созишнома бе истифодаи расмиёте, ки моддаҳои 9-21 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» муқаррар намудаанд, метавонанд дар ҳолатҳои зерин гузаронида шаванд:

1) ҳангоми зарурати хизматрасонии муттасили фаврӣ, инчунин дар ҳолатҳое ки иҷрои меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаҳои дар боло зикршудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» мувофиқи мақсад намебошад, ба шарте, ки чунин ҳолатҳои ба миён овардани зарурати фавриро ТФ наметавонист пешбинӣ намояд ва ин ҳолат натиҷаи кашолкории ТФ намебошад;

2) дар сурати чандон тӯлонӣ набудани мӯҳлати лоиҳаи шарикӣ ва ҳангоме, ки маблағи пешакии сармоягузориҳои чашмдошт аз маблағи зикрнамудаи Шӯро зиёд намебошад;

3) вақте, ки лоиҳаи шарикӣ ба масъалаҳои мудофиаи миллӣ ё амнияти ҷамъият дахл мекунад;

4) дар сурати вуҷуд доштани танҳо як манбае, ки ба пешниҳод кардани хизматрасонии зарурӣ қодир аст, аз ҷумла ба хизматрасониҳои истифодаи моликияти зеҳнӣ, сирри тиҷоратӣ ё дигар ҳуқуқҳои истисноие, ки дар ихтиёр ё таҳти назорати шахси (шахсони) муайян қарор доранд;

5) вақте, ки ҳуҷҷатҳои тендерии интихоби пешакӣ ё дархост барои супоридани пешниҳодҳо манзур шуда бошанд, вале ҷавоби онҳо гирифта нашуда бошад ё вақте, ки ҳамаи пешниҳодҳо меъёрҳои арзёбии дар дархост барои супоридани пешниҳодҳо зиркгардидаро қонеъ карда натавониста бошанд ва агар, ба ақидаи ТФ, додани ҳуҷҷатҳои нави тендерии интихоби пешакӣ ва дархости нав барои супоридани пешниҳодҳо ба супоридани қарордод дар мӯҳлати тақозошаванда имкон надиҳад;

6) дар дигар ҳолатҳое, ки Шӯро чунин истисноро бинобар сабабҳои асосноки манфиати миллӣ ё ҷамъиятӣ тасдиқ мекунад ё дар ҳолатҳое, ки ба манфиати мақоми маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дониста мешавад.

170. Агар музокирот оид ба созишномаҳо бе гузаронидани тендер доир карда шавад, ТФ:

1) АТИ пешакӣ ва АТИ–ро тибқи дастури Шӯро, ки бо риояи талаботи сархати дуюми моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» дода шудааст, анҷом медиҳад. Яъне, ТФ уҳдадор аст дастурҳои Шӯроро нисбат ба идораи ҳар марҳилаи лоиҳаи шарикӣ риоя карда, барои иҷрои он мусоидат намояд. Чунин дастурҳо танҳо баъди машварат бо МВД ва ТФ дахлдор дода мешаванд;

2) ғайр аз созишномаҳое, ки музокирот доир ба онҳо мутобиқи сархати сеюми моддаи 22 Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» гузаронида мешаванд, дар хусуси қарори оғоз намудани музокирот нисбат ба созишнома огоҳинома ирсол менамояд, ки он бо усули пешакӣ мувофиқашуда интишор карда мешавад;

3) аз рӯи имкон бо шахсоне, ки онҳоро ба татбиқ намудани лоиҳаи шарикӣ қодир меҳисобад, бо иштироки намояндаи МВД музокирот доир менамояд;

4) меъёрҳои арзёбиеро муқаррар менамояд, ки мутобиқи онҳо пешниҳодҳо арзёбӣ ва дараҷабандӣ карда мешаванд.

171. ТФ дар хусуси супоридани қарордод огоҳинома ирсол менамояд, ки он ба тарзи зарурӣ интишор карда мешавад, ба истиснои Созишномае, ки мутобиқи зербанди 3) банди 169 Дастури мазкур супорида шудааст.

172. Огоҳиномае, ки мутобиқи банди 171 Дастури мазкур ирсол карда шудааст, бояд шарики хусусиро муайян кунад ва тавсифи мухтасари шартҳои муҳими созишномаро дар бар гирад.

**Замимаи 1**
ба Дастури методӣ оид ба омода ва амалӣ
намудани лоиҳаҳои ШДБХ дар ҶТ

# ПЕШНИҲОДИ ПЕШАКИИ ЛОИҲАВӢ
## оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ[2] (ШДБХ)

*(* Қисмҳо ва бандҳое, ки барои пур намудан ҳатмӣ мебошанд)*

| **I. Маълумоти умумӣ** * | |
|---|---|
| 1) Номи лоиҳа | |
| 2) Ҷойи амалинамоии лоиҳа | |
| 3) Соҳаи амалинамоии лоиҳа (нақлиёт, маориф, тандурустӣ ва ё дигар) | |
| 4) Соҳаи инфрасохтор ва ё хизматрасонии иҷтимоӣ | |
| 5) Ташаббускори лоиҳа | |
| 6) Тавсифи мухтасари лоиҳа | |
| 7) Арзиши эҳтимолии лоиҳа | |
| 8) Муҳлати тахминии амалинамоии лоиҳа | |
| 9) Асоснокнамоии ташаббуси лоиҳа: | |
| а) зарурати амалинамоии лоиҳа | |
| б) мутобиқат ба нақшаҳо, барномаҳо, дурнамо ва стратегияҳои рушди минтақа/соҳа | |
| в) нақши шарики хусусӣ | |
| г) шакл, тарз ва ҳаҷми иштироки давлат дар дастгирӣ ва амалинамоии лоиҳа | |
| 10) Мақсадҳо ва вазифаҳои лоиҳа | |
| 11) Самараи чашмдошти иҷтимоӣ-иқтисодӣ | |
| 12) Тавсифи бозори истифодабарандагон | |
| 13) Таҷрибаи амалинамоии чунин лоиҳаҳо дар дигар минтақаҳо | |
| 14) Таҷрибаи ташкилоти фармоишгар дар амалинамоии лоиҳаи ШДБХ ва ё лоиҳаи монанд | |
| 15) Тамос | |
| **II. Қисми ташкилӣ** | |
| 1) Марҳилаи ҷории лоиҳа* | |
| 2) Нақшаи амалинамоии лоиҳа* | |

[2] Сархати сеюми қисми 1 моддаи 5, қисми 2 моддаи 7 ва ғайраи Қонуни ҶТ аз 28 декабри соли 2012 № 907 «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ».

| | |
|---|---|
| 3) Сохтори сармоягузорӣ бо тақсим намудан ба*: | |
| а) объектҳои маблағгузорӣ; | |
| б) сарчашмаҳои маблағгузорӣ: | |
| – иштироки ҳиссавӣ; | |
| – дастгирии давлатӣ; | |
| – саҳми сармоягузор; | |
| – саҳми маҳал | |
| – дигар (нишон дода шавад) | |
| 4) Сарчашмаҳои бозгашти сармояҳо* | |
| 5) Номгӯи иштирокчиёни имконпазири лоиҳа* | |
| 6) Нишондиҳандаҳои самаранокии амалинамоии лоиҳа | |
| 7) Мавҷудияти маводҳои муаррифӣ (презентатсионӣ) | |
| **III. Шакли ШДБХ.** *Ташаббускор як ва ё якчанд шаклро (шакли омехтаро) аз руйхати дар зер овардашуда интихоб менамояд. Дар ҳолати интихоби «Дигар», номи шакли ШДБХ интихобнамудаи худи ташаббускор нишон дода мешавад. Ҷиҳати дуруст интихоб намудани шакли ШДБХ, метавонед аз Шаклҳои тавсияшавандаи ШДБХ дар ҶТ (пас аз ҷадвали мазкур оварда шудааст) истифода намоед.* | |
| 1) Сохтмон ва супоридан | ☐ |
| 2) Сохтмон , иҷора гирифтан ва супоридан | ☐ |
| 3) Сохтмон , истифодабарӣ ва супоридан | ☐ |
| 4) Сохтмон , ихтиёрдорӣ ва истифодабарӣ | ☐ |
| 5) Сохтмон , ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ ва супоридан | ☐ |
| 6) Сохтмон , супоридан ва истифода бурдан | ☐ |
| 7) Созишнома дар бораи васеъшамоӣ ва истифодабарӣ | ☐ |
| 8) Таҷдид, истифодабарӣ ва супоридан | ☐ |
| 9) Таҷдид, иҷора гирифтан ва супоридан | ☐ |
| 10) Расонидани хизматҳои иҷтимоӣ | ☐ |
| 11) Дигар (нишон диҳед) | ☐ |

## Шаклҳои тавсияшавандаи ШДБХ дар ҶТ

1) **Сохтмон ва супоридан** (СС) – шарики хусусӣ маблағгузорӣ ва сохтмони объекти инфрасохторро анҷом медиҳад ва пас аз анҷоми корҳои сохтмонӣ ин объекти инфрасохторро ба шарики давлатӣ месупорад. Шарики давлатӣ дар давоми муҳлати дар созишнома оид ба ШДБХ нишондодашуда, маблағи хароҷоти шарики хусусиро, ки барои сохтмони объекти инфрасохтор сарф намудааст пардохт менамояд. *Build-and-Transfer (BT).*
2) **Сохтмон, иҷора гирифтан ва супоридан** (СИҷС) – шарики хусусӣ маблағгузорӣ ва сохтмони объекти инфрасохторро анҷом медиҳад ва пас аз анҷоми сохтмон объекти инфрасохторро ба шарики давлатӣ месупорад, вале ҳуқуқи иҷораи объекти инфрасохторро дар як муҳлати муайяни вақт нигоҳ медорад ва пас аз гузаштани муҳлати зикршуда ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани объекти инфрасохтор (дар оянда ба иҷора

додани он) ба таври худкор ба шарики давлатӣ мегузарад. *Build-Lease-and-Transfer (BLT).*

3) **Сохтмон, истифодабарӣ ва супоридан** (СИС) – шарики хусусӣ маблағгузорӣ ва сохтмони объекти инфрасохторро анҷом медиҳад ва пас аз анҷоми сохтмон онро истифода мебарад ва нигоҳубин менамояд. Шарики хусусӣ объекти инфрасохторро дар давоми муҳлате, ки дар Созишнома зикр гардидааст, истифода мебарад ва ҳуқуқ дорад дар ҳамон давра аз истифодабарандагон хизматрасонии ҳамин объект маблағ ситонад. Ҳаҷми маблағи мазкур аз ҳаҷме, ки шарики хусусӣ дар дархосташ ҳангоми иштирок дар интихоби шарики хусусӣ нишон дода буд, зиёд намебошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки Созишнома пешбинӣ намудааст. Ҳолатҳои баланд бардоштани андозаи маблағи аз истифодабарандагон гирифташаванда дар Созишнома танҳо бо мақсади ҷуброни фарқи вобаста ба баланд гардидани арзиши бозории молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо пешбинӣ шуда метавонанд. Ситонидани пардохт бо мақсади бозгардондани хароҷоти бахши хусусӣ ҳангоми сохтмон, истифодабарӣ ва нигоҳдории объекти инфрасохтор пешбинӣ карда мешавад. Шарики хусусӣ пас аз баанҷом расидани муҳлати муайяни дар Созишнома дарҷгардида объекти инфрасохторро ба шарики давлатӣ месупорад. *Build-Operate-and-Transfer (BOT).*

4) **Сохтмон, ихтиёрдорӣ ва истифодабарӣ** (СИИ) – шарики хусусӣ маблағгузорӣ, сохтмон, ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ ва нигоҳубини объекти инфрасохторро анҷом медиҳад. Шарики хусусӣ ҳамчунин ҳуқуқ дорад хароҷоти оид ба маблағгузорӣ, истифодабарӣ ва нигоҳубини объект сарф намудаашро ба воситаи гирифтани маблағи дахлдор аз истифодабарандагони ниҳоӣ ҷуброн намояд. Ҳаҷми маблағи мазкур аз ҳаҷме, ки шарики хусусӣ дар дархосташ ҳангоми иштирок дар интихоби шарики хусусӣ нишон дода буд, зиёд буда наметавонад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки Созишнома пешбинӣ намудааст. Ҳолатҳои баланд гардидани ҳаҷми маблағи аз истифодабарандагон гирифташаванда дар Созишнома танҳо бо мақсади ҷуброни фарқи вобаста ба баланд гардидани арзиши бозории молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо пешбинӣ шуда метавонанд. Ҳангоми иштироки шарики хусусӣ дар ин шакли лоиҳаҳои ШДБХ, супоридани объект ба шарики давлатӣ пешбинӣ карда намешавад. *Build-Own-and-Operate (BOO)*

5) **Сохтмон, ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ ва супоридан** (СИИС) – шакли иштироки шарики хусусӣ дар лоиҳаҳои ШДБХ, ки ҳамчун «сохтмон, ихтиёрдорӣ ва истифодабарӣ» муайян карда мешавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки шарики хусусӣ пас аз анҷоми муҳлати созишнома объектро ба шарики давлатӣ месупорад. *Build-Own-Operate-and- Transfer (BOOT).*

6) **Сохтмон, супоридан ва истифодабарӣ** (ССИ) – шарики давлатӣ объекти инфрасохторро ба шарики хусусӣ месупорад, шарики хусусӣ сохтмони

онро анҷом дода, хароҷоти барзиёд, таъхироти эҳтимолӣ дар сохтмон ва хавфҳои ба онҳо вобастаро бар дӯши худ мегирад. Баъди аз ҷониби шарики давлатӣ расман қабул гардидани объекти инфрасохтор, ҳуқуқи моликияти он ба шарики давлатӣ супорида мешавад, дар баробари ин шарики хусусӣ онро аз номи шарики давлатӣ истифода мебарад. *Build-Transfer-and-Operate (BTO)*

7) **Созишнома дар бораи васеънамоӣ ва истифодабарӣ** (СВИ) – шарики хусусӣ объекти мавҷудаи инфрасохторро, ки аз шарики давлатӣ иҷора гирифтааст, васеъ менамояд. Шарики хусусӣ объекти инфрасохторро дар давоми муҳлати дар созишнома оид ба ШДБХ муқарраргардида, истифода мебарад ва пас аз анҷоми ин муҳлат онро ба шарики давлатӣ месупорад. *Contract-Add-and-Operate (CAO)*

8) **Таҷдид, истифодабарӣ ва супоридан** (ТИС) – шарики давлатӣ объекти мавҷудаи инфрасохторро ба шарики хусусӣ медиҳад, шарики хусусӣ дар давоми муҳлати дар Созишнома муайянгардида, ҷиҳати азнавсозии объект дар асоси истифодаи технологияҳои нав, механизатсиякунонӣ, автоматикунонии истеҳсолот, навсозӣ ва ивази таҷҳизоти аз ҷиҳати маънавӣ кӯҳнашуда ва ҷисман фарсудашуда бо таҷҳизоти наву самараноктар чорабиниҳо мегузаронад. Дар давоми муҳлати дар Созишнома зикршуда шарики хусусӣ ҳуқуқ дорад барои хизматрасониҳои инфрасохтории расонидааш аз истифодабарандагон маблағ гирад. Пас аз анҷоми муҳлати Созишнома объект ба шарики давлатӣ баргардонида мешавад. *Rehabilitate-Operate-and-Transfer ( ROT)*

9) **Таҷдид, иҷора гирифтан, супоридан** (ТИҷС) – шарики хусусӣ объекти мавҷударо барқарор (таҷдид) намуда, пас аз он ба муҳлати дар Созишнома зикршуда, ба иҷора гирифта, хавфҳои вобаста ба онро бар дӯши худ гирифта, баъдан ин объектро ба давлат бармегардонад. *Rehabilitate-Lease-and-Transfer (RLT)*

10) **Расонидани хизматҳои иҷтимоӣ** (РХИ) – шарики давлатӣ ҳуқуқи расонидани хизматҳои иҷтимоии муайяни давлатиро ба шарики хусусӣ медиҳад, шарики хусусӣ дар давоми муҳлати дар Созишнома пешбинишуда намудҳои хизматрасониҳои бо Созишнома муайянгардидаро ба категорияи муайяни (номуайяни) шахсон, пулакӣ (ройгон) анҷом медиҳад. Дар ҳолати аз ҷониби шарики хусусӣ ройгон анҷом додани чунин хизматрасониҳо, хароҷоти шарики хусусӣ, ки вобаста ба расонидани ин хизматрасониҳо кардааст, мутобиқи Созишнома аз ҳисоби буҷети давлат пардохт карда мешаванд. *Provision of social services (PSS*).

**Ихтисораҳо:**

1. ШДБХ – Шарикии давлат ва бахши хусусӣ.
2. ППЛ – Пешниҳоди пешакии лоиҳавӣ;

3. Созишнома – Созишнома оид ба ШДБХ;

4. ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5. АТИ – Асоноккунии техникию иқтисодӣ.

**Эзоҳ**:

1. Шаклҳои дар боло зикршудаи ШДБХ, пурра намебошанд. Ташаббускори лоиҳа метавонад варианти «Дигар» - ро интихоб намояд ва шакли ШДБХ интихобнамудаи худашро нишон диҳад. Варианти аз ҷониби ташаббускор пешниҳодшаванда, набояд ба талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ мухолифат намояд.
2. Ташаббускор метавонад дар пайвастагӣ якчанд шакли ШДБХ, инчунин ҷузъҳои алоҳидаи онҳоро интихоб намояд.
3. Ҳуҷҷатҳои намунавӣ (стандартӣ) барои шаклҳои гуногуни ШДБХ аз ҷониби шарики давлатӣ (ташкилоти фармоишгар) бо назардошти соҳае, ки лоиҳаи ШДБХ дар доираи он амалӣ карда мешавад, таҳия мегарданд. Мавҷуд набудани чунин намунаи ҳуҷҷат барои нишон додани ташаббус ва бастани созишнома оид ба ШДБХ монеа шуда наметавонад.

**Замимаи 2**
ба Дастур оид ба омода ва амалӣ
намудани лоиҳаҳои ШДБХ дар ҶТ

Методикаи муайян ва дараҷабандӣ кардани лоиҳаҳои ШДБХ

Лоиҳаҳои шарикӣ тибқи усулҳои зерин муайян ва дараҷабандӣ карда мешаванд:

1. Усули муайян кардан;

2. Усули дараҷабандӣ кардан.

**Усули муайян кардан**

Ҳангоми истифода намудани ин усул санҷиши муфассали дастрасӣ ва мақсаднокии лоиҳаи ШДБХ гузаронида намешавад. Вале ҷиҳати истисно (хориҷ) намудани лоиҳаҳое, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» мувофиқ нестанд, таҳлили фаврӣ гузаронида мешавад. Ин усул аз ҷавоб ба ду савол тибқи ҷадвали зерин иборат мебошад.

Ҷадвали 1.

| Савол | Тавсиф | Ҷавоб |
|---|---|---|
| Оё лоиҳа ба объектҳои инфрасохтор ва хизматрасонихои иҷтимоие, ки масъули онхо давлат мебошад, дахл дорад? | Лоиҳа бояд ба доираи фаъолият ё ваколати давлат дохил бошад, инчунин аз нуқтаи назари иқтисодӣ бояд инфрасохтор ё хизматрасонии иҷтимоӣ бошад.<br>Ин воситаҳои асосии инфрасохтор ва хизматҳоро, ба монанди: роҳҳои авомобилӣ, роҳҳои оҳан, фурудгоҳҳо истеҳсол ва тақсимоти қувваи барқ, тандурустӣ ва маориф, таъмини об, коркарди партовҳо ва ғайраро дар бар мегирад.<br><br>Фаъолияте, ки моҳиятан ба бахши хусусӣ дахл дорад, ба монанди истеҳсолоти саноатии молҳо, набояд ба сифати хизматрасонии давлатӣ эътироф ва ҳамчун лоиҳаи ШДБХ муайян карда шавад. | Ҳа/Не |
| Оё лоиҳа ба талаботи ШДБХ ҷавобгӯ аст? | Барои он ки лоиҳа ба воситаи ШДБХ амалӣ карда шавад, он бояд ба қоидаҳо ва меъёрҳои ШДБХ мутобиқат намояд (тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ». | Ҳа/Не |

Агар ҷавобҳо ба ҳар ду саволи дар боло зикршуда мусбӣ бошанд, объектҳои инфрасохтор ва/ё хизматрасониҳои иҷтимоӣ метавонанд ба номгӯи лоиҳаҳои имконпазири ШДБХ дохил карда шаванд.

**Усули дараҷабандӣ кардан**

Ин усул барои дараҷабандии имкониятҳои лоиҳаҳои ШДБХ–е, ки аз усули муайян кардан гузаштаанд, истифода бурда мешавад, то ин ки лоиҳаҳое, ки имконияти татбиқшавии онҳо дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин мавҷуд аст, интихоб карда шаванд.

Ин усул аз ҷамъбасти имкониятҳои лоиҳаҳои ШДБХ мутобиқи шаш меъёри дар ҷадвали зерин овардашуда иборат мебошад.

Ҷадвали 2. Усули дараҷабандӣ кардан

| Меъёр | Тавсиф | Баҳо– гузорӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| 1. Хусу–сиятҳои ташкилии бахш | Ба воситаи ин меъёр бахши баррасишаванда аз нигоҳи имкониятҳои сармоягузорӣ барои бахши хусусӣ ва омодагии он ба ШДБХ баҳо дода мешавад.<br>Ба бахше, ки ҷараёни дурудароз ва мушкили таҷдидро то оғоз намудани транзаксияҳои ШДБХ тақозо менамояд, одатан баҳои паст дода мешавад. Ба бахше, ки дар он тарафҳо мушаххас муайян шудаанд ва аллакай як қатор созишномаҳои ШДБХ баста шудаанд, баҳои баланд дода мешавад. | 1 – 5 | |
| 2. Вазъи ҷории лоиҳа | Ба воситаи ин меъёр лоиҳаи баррасишаванда аз нигоҳи вазъи омодагӣ ва кафолати маъқул донистани он баҳо дода мешавад.<br>Ба лоиҳае, ки дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад ва аз ҷониби шахсоне, ки қарор қабул менамоянд, расман тасдиқ нашудааст, одатан баҳои паст дода мешавад. Ба лоиҳае, ки дорои АТИ мебошад ва дар ҳама ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ (Стратегияи миллии рушд, Барномаи рушди соҳа ё минтақа ва ғайра) ва нақшаҳои сармоягузорӣ дохил карда шудааст, баҳои баланд дода мешавад. | 1 – 5 | |
| 3. Дараҷаи манфиат–нокии бахши хусусӣ | Ба воситаи ин меъёр лоиҳаи баррасишаванда аз нигоҳи дараҷаи ҷолибнокӣ барои бахши хусусӣ баҳо дода мешавад. Ба лоиҳае, ки ба иштирокчиёни имконпазири озмун равона нашудааст ва малакаю технологияеро талаб менамояд, ки ба гумон аст дар Тоҷикистон дарояндаи наздик пешниҳод карда шаванд, одатан баҳои паст дода мешавад. Ба лоиҳае, ки дар асоси ғайрирасмӣ ва ё расмӣ манфиатдории ҷиддии ҷамъиятии бахши хусусии маҳаллӣ ва ё байналмилалиро ба миён овардааст, баҳои баланд дода мешавад. | 1 – 5 | |
| 4. Имко–ниятҳои ташаббус–кори лоиҳа (давлат) | Ба воситаи ин меъёр неруи ташаббускори лоиҳа (давлат – вазорату идораҳо) дар амалӣ намудани лоиҳаи ШДБХ арзёбӣ карда мешавад. Ин меъёр ду ҷанбаи асосиро дар бар мегирад:<br>• Ҳавасмандӣ ва масъулиятнокии ташаббускори лоиҳа (давлат) дар амалӣ намудани лоиҳа ҳамчун ШДБХ;<br>• Неруи ташаббускори лоиҳа (неруи техникӣ, идоракунӣ, молиявӣ ва ғайра) (давлат)дар | 1 – 5 | |

| Меъёр | Тавсиф | Баҳо–гузорӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| | амалӣ намудани лоиҳа ҳамчун ШДБХ.<br>Ба лоиҳае, ки аз ҷониби ягон вазорату идораи давлатӣ дастгирӣ намеёбад ва ё вазорату идораи татбиққунандаи лоиҳа имконияти маҳдуди амалӣ намудани лоиҳаро дорад, одатан баҳои паст дода мешавад ва ба лоиҳае, ки аз ҷониби вазорату идораҳо ва гурӯҳи ботаҷриба идора карда мешавад, баҳои баланд дода мешавад. | | |
| 5. Мавҷу–дияти таҷриба | Ба воситаи ин меъёр лоиҳаи баррасишаванда аз нигоҳи мавҷудияти таҷриба ва ё созишномаи монанд дар ҶТ баҳо дода мешавад.<br>Ба лоиҳае, ки тамоман нав ва ё дорои хусусияти инноватсионӣ мебошад ва то имрӯз намунаи татбиқи чунин лоиҳаҳо дар Тоҷикистон вуҷуд надорад, одатан баҳои паст дода мешавад. Ба лоиҳае, ки такрори созишномаи монанд мебошад ва барои лоиҳа аллакай ҳуҷҷатҳои стандартӣ омода аст, баҳои баланд дода мешавад. | 1 - 5 | |
| 6. Хусу–сиятҳои муҳимми лоиҳа | Ба воситаи ин меъёр лоиҳаи баррасишаванда аз нигоҳи муҳимияти хусусиятҳо ва имкониятҳои амалӣ намудани он ҳамчун ШДБХ тибқи нишондодҳои зерин баҳо дода мешавад:<br>• Ҳаҷми сармоягузорӣ;<br>• Мураккабӣ;<br>• Татбиқ дар соҳаи инфрасохтор ва ё хизматрасонии иҷтимоӣ;<br>• Дараҷа ё моҳияти ҷалби дороиҳои давлатӣ;<br>• Тавсифи тахминии гардиши маблағҳо;<br>• Дастрасӣ ва ё тарҳрезии лоиҳа дар асоси даромаднокӣ (имконияти бевоситаи ҷамъоварӣ намудани даромадҳо);<br>• Имконияти муайян намудан ва таҳвили хавфҳо;<br>• Имконияти муайян намудани натиҷаҳои ниҳоӣ;<br>• Давраи амал /муҳлати тахминии қарордод;<br>• Аз ҷиҳати иҷтимоӣ/сиёсӣ қобили қабул будан.<br>Ба лоиҳае, ки дар назар мураккаб ва душвор идорашаванда менамояд, инчунин имкониятҳои маҳдуди амалишавандагӣ дорад, одатан, баҳои паст дода мешавад. Ба лоиҳае, ки дорои нақшаи хуби молиявӣ, сохтори мувофиқ ва нақшаи боэътимоди тақсими хавфҳо дар марҳалҳо мебошад, баҳои баланд дода мешавад. | 1 – 5 | |

**Натиҷаи дараҷабандӣ:** *Баҳои умумии лоиҳа тибқи ҷадвали 2 натиҷаи ҷамъи баҳоҳои бадастомада барои ҳар як меъёр мебошад.*

*Лоиҳаҳое, ки баҳои баланд гирифтаанд, барои арзёбии минбаъда баррасӣ карда мешаванд.*